№ 4 (88) 2010

ҲУҚУҚ ВА БЕҲБУДӢ

Ташкилоти Ҷамъиятии Байналхалқӣ

## НАВГОНИҲОИ «ҲУҚУҚ ВА БЕҲБУДӢ» ДАР МОҲИ АПРЕЛ

Намояндагони Ташкилоти Ҷамъиятии Байналхалқии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» аз 16 то 17 апрели соли равон бо мақсади санҷиши (мониторинг) фаъолияти чормоҳаи қабулгоҳи ҷамъиятӣ ба ноҳияи Мӯъминобод ташриф оварданд. Онҳо дар Кумитаи Маҳаллаи Тараққиёти ноҳия, ки Қабулгоҳ дар он ҷо ҷойгир аст вохӯриро бо волонтёрон баргузор намуданд.

Мақсади мониторинг аз санҷиши фаъолияти чормоҳаи Қабулгоҳ, интихоби котиби нави Қабулгоҳи ҷамъиятӣ, вохӯрӣ бо волонтёрон ва ҷалби ҳарчи бештари онҳо дар кори қабулгоҳ иборат буд.

### Барномаи маърифатӣ

Аз 5 то 8 апрели соли 2010 дар доираи лоиҳаи «Шӯъба оид ба ҳуқуқи кӯдак - олоти амаликунандаи ҳуқуқи кӯдак» тренинги чоррӯзаро дар ҳамкорӣ бо Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки вилояти Хатлон дар мавзӯъҳои зайл гузаронд:

- «Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва тартиби ҳифзи ҳуқуқи кӯдак».
- «Ҳуқуқи кӯдакони бе васимонда. Кафолатҳои молумулкӣ, иҷтимоӣ ва меҳнатӣ».

Дар тренинг мутахассисони соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки ноҳияҳои Кубодиён,Носири Хусрав ва Шаҳритус иштирок доштанд. Шумораи иштирокчиёни ин тренинг 10 нафарро ташкил дод, ки 5 - тои онҳо занон буданд.

Иштирокчиён дар рафти тренинг дар баробари азхудкунии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ оиди ҳуқуқи кӯдак имконият пайдо карданд, ки аз таҷрибаи ҳамдигар огоҳ шуда, байни худ ҳакории зичро баркарор намоянд.

## АХБОРОТ ДАР ҶУМҲУРӢ

### Қонунҳои нав бахри беҳбудии ҷомеа

Аз 1 апрели соли равон Парламенти мамлакат Кодекси нави мурофиавӣ - ҷиноятиро мавриди амал қарор дод. Мувофиқи кодекси мазкур баъзе ваколатҳое, ки КМҶ соли 1961 ба зимаи мақомоти Прокуратура гузошта буд ба зимаи мақомоти Судӣ вогузор кард. Кодекси мазкур аз 50 боб ва 486 модда иборат мебошад.

Акнун мақомоти Прокуратура ҳуқуқ надорад, ки санксияро оиди ҳабс, сабти гузарондани тафтишот, гуш кардани сӯҳбати телефонӣ ва сабти овози гумонбаршуда, ҳабси молу мулк ё ҳисоби бонкиро диҳад.

Дар баробари Кодкеси мазкур қонуни нав «Дар бораи таърихи қарз» қабул карда шуд, ки мувофиқи он фаъолияти бюрои кредитӣ тавассути иҷозатномаи Бонки миллӣ сурат мегирад.

### ИДМ ва муҳоҷирати меҳнатӣ

16 апрел дар шаҳри Ростови лаби Дони Федератсияи Россия ҷаласаи роҳбарони мақомоти муҳоҷиратии ИДМ баргузор мегардад.

Дар ҷаласаи мазкур масъалаи муҳоҷирати давлатҳои ИДМ мавриди барасӣ қарор хоҳад гирифт. Ҷаласа ба хотири мустаҳкам кардани ҳамкориҳо дар самти муҳоҷират байни давлатҳо, баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони мақомотҳои муҳоҷиратӣ ва масъалаи мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ баргузор хоҳад шуд.

Аз ҶТ дар ин ҷаласса раиси Хизмати (Службы) муҳоҷиратии ВКД ҶТ иштирок хоҳад кард.

### Кумитаи ҳолатҳои фавқулода дар маркази обхезӣ

Дар таърихи 17 апрел тахминан соати 11 рӯз аз сабаби боришоти зиёд дар ноҳияи Восеъ обхезӣ ба вуҷуд омада буд. Офати табиӣ ба сокинони деҳаи Тугалак зарари зиёди молӣ расонд. Хушбахтона дар натиҷаи офати табиӣ ягон талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Тавре, ки сокинони маҳали ҳодиса иброз доштанд, кормандони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода бе ягон техника ба маҳалли ҳодиса ҳозир шуда, ягон ёрии амалии худро ба зарардидагон расонида натавонистанд. Онҳо мисли роҳгузарон аз канори роҳ манзараро тамошо мекарданд, сокинон бошанд дар фикри наҷоти молу мулки худашон буданд. Дар баробари хароб гардидани хонаҳои истиқоматӣ инчунин заминҳои корам, ки аллакай кишт карда шуда буданд, пурра зери об монданд. Ҷуброни ин ҳароҷот кай ва аз тарафи ки пардохт мешуда бошад, ин як муаммои сарбаста барои сокинони маҳалли зарардида гардидааст.

### Инкишофи демократияро Шӯрои Европа дастгирӣ мекунад

Дар асоси иттилои сарчашмаҳо намояндаи Шӯрои Европа дар ҶТ барои дастгирии барномаи «Олоти (инструмент) Европа дар соҳаи демократия ва ҳуқуқи инсон» пешниҳодотро барои инкишофи ин барнома дар ҶТ қабул мекунад.

Мақсад ва вазифаи асосии ин барнома инкишофи демократия ва волояти қонун, инчунин эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ, техникӣ ва молиявии байни давлатҳо дар асоси сиёсати хориҷии Шӯрои Европа мебошад. Ин барнома асосан барои дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки фаъоли он дар сиёсат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таҳия карда шудааст.

№ 4 (88) 2010

ҲУҚУҚ ВА БЕҲБУДӢ
Ташкилоти Ҷамъиятии
Байналхалқӣ

### Душанбе ба умеди мактаббачагони лаёқатманди шаҳр

Шаҳрдории Душанбе баҳри дастгирии мактабиёни лаёқатманди шаҳр қарор кардааст, ки дар сурати аз рӯи барномаи марбута супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ дар донишкадаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз кабили Оксфорд, Кембриҷ ва Гарвард пардохти масрафоти таҳсил ва рафту омади онҳоро аз ҳисоби буҷети шаҳр таъмин менамояд.

Бо мақсади расидан ба ин ҳадафхои созанда ва дастрасии мактабиёни пойтахт ба иттилои сарчашмаи нахустин 17 апрел дар КВД «Маркази равобити пойтахт» мулоқоти устоди факултаи байналмиллалии Донишгохи Оксфорд ва Эксетери Британияи Кабир Ҷон Хетершоу бо хатмкунандагони фаъоли шаҳр ва донишҷӯён баргузор мешавад.

Дар мулоқот бо ибтикори шаірдорг ва Раёсати маорифи шаҳри Душанбе масоили таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар мактабіои олии Британиёи Кабир матраҳ карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ин воҳӯрӣ ҳамчунин пешбинӣ карда шудааст, ки масъалаҳои марбут ба тартиби қабули донишҷӯён, ҳуҷҷатҳое, ки бояд аз ҷониби довталабон пешниҳод гарданд, арзиш ва тартиби пардохти ҳаққи таълим баррасӣ карда шаванд.

### Тоҷикистон дар гирдоби норасоии озуқаворӣ

Барномаи бехатарии озуқаворӣи СММ баъди гузарондани мониторинг иттилоъ дод, ки айни ҳол дар Тоҷикистон мушкилоти норасоии озуқаворӣ вуҷуд дорад. Дар ҷумҳурӣ аз се як ҳиссаи шаҳрвандон дучори норасоии озуқаворианд. Айни ҳол мувофиқи нишондоди мониторинг 70% аҳолӣ аз захираҳои шахсии худ истифода бурдааст, вале 10% бошад эҳтиёҷ ба таъминоти озуқаворӣ доранд.

Аҳолӣ дучори чунин мушкилот шуданро ба сабабҳои аз кор озодкунии шаҳрвандон дар фасли зимистон , кам шудани интиқоли маблағ аз хориҷи давлат ва дар харидани саҳмияҳои НБО «Роғун» марбут медонанд.

# Ҳамоиш ба ҷамъият



**ШУКУРОВ Р.**
**мутахассис оид ба робита бо ҷомеа ва ВАО**

Дар зиндагии ҳамарӯзаи мо, ки пур аз кор, фароғат ва фикри оила мебошад, мо дар бораи он одамоне, ки аз сабаби вазъи саломатии ҷисмонӣ ё психологӣ аз худамалисозӣ ва инкишоф маҳруманд, кам ёдоварӣ ва фикр мекунем. Бале, Шумо дуруст тасаввур кардед, мо дар бораи одамон бо имкониятҳои маҳдуд ҳарф мезанем. Мо кам ва аҳёнан дар бораи он фикр мекунем, ки онҳо кадом монеаҳоро паси сар мекунанд, то ҳуқуқҳои худро амалӣ намоянд ва аъзоёни комил ҳуқуқи ҷомеаи шаҳрвандӣ бошанд.

Дар ин мақола мо дар бораи ҳамоиши (ба ҳам омадан) одамон бо имкониятҳои маҳдуд ба ҷамъият сухан меронем.

Ҳамоиши маъюбон ба ҷамъият чӣ маъно дорад? Ин раванди барқароркунии робитаҳои вайроншудаи маъюбон мебошад, ки дастрасии онро ба соҳаҳои фаъолияти зиндагӣ: меҳнат, маишат, фароғат таъмин менамояд. Ҳамоиш ба эҳёи онҳо мусоидат мекунад. Он амалисозии барномаҳои мухталиф, хизматрасонӣ ё ҷорабиниҳои терапевтиро дар назар дорад, ки ба зуд баркарор шудани вазифаҳои вайроншудаи инсон кӯмак менамоянд.

Мумкин аст гуфт, ки ҳамоиш синоними калимаи эҳё мебошад, аз ин хотир ман дар бораи ҳамоиш ва эҳё ҳамчун як чизи умумӣ ҳарф мезанам. Ба ин тартиб, моҳияти эҳё на фақат дар барқарор кардани саломатӣ, балки дар барқарор кардани имкониятҳо барои фаъолияти иҷтимоӣ бо он вазъи саломатӣ, ки маъюб дорад, ифода меёбад. Мумкин аст намудҳои асосии эҳёро ҷудо кард, ба мисли:

• **тиббӣ**, ки шомили ҷораҳои маҷмӯӣ, ки ба барқарор намудани вазифаҳои маҳрумшуда равона шудаанд ва бо ҷараёни муолиҷа марбутанд;

• **маърифатӣ –** маҷмӯи мушкилот, ки шомили раванди гирифтани маълумоти умумии зарурӣ, инчунин ҳангоми зарурат – намудҳои мухталифи касбҳо ва ғайра аз ҷониби маъюбон;

• **моддӣ –** имтиёзҳо лозиманд, аммо онҳо ҳамчун механизми ягонаи кумак мебошанд, онҳо наметавонанд ба ҳамоиши маъюбон дар ҷамъият мусоидат намоянд ва стандартҳои ниҳоят пасти буду бошро таъмин менамоянд.

Гуфтаҳои дар болоро ба назар гирифта, бо ҷуръат метавон гуфт, ки аз ҳама мушкилоте, ки дар зиндагии маъюб рух медиҳанд асосиаш, ки дар навбати аввал меистад ин эҳёи иҷтимоӣ мебошад. Инҳо чораҳои маҷмӯии амалҳое мебошанд, ки ба барқарор кардани вазифаҳои иҷтимоии одам, мавқеи иҷтимоии ӯ дар ҷамъият равона шудаанд.

Барои ноил шудан ба ҳамоиши муваффақи иҷтимоӣ дар шуури ҷамъиятӣ идеяҳои ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробарро барои маъюбон ҷорӣ кардан зарур аст. Дар мамлакатҳои тараққикарда ин раванд аллакай кайҳо инкишоф ёфтааст. Дар кишвари мо мутаассифона идеяи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробар инкишоф наёфтааст ва дар шуури ҷамъиятӣ ҷойгир нашудааст, ин раванд ҳоло дар марҳилаи пайдоиш қарор дорад.

**Де юре** сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маъюбон ба таъмини ҳифзи иҷтимоии маъюбон, муҳайё кардани имкониятҳои баробар бо дигар шаҳрвандон дар амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳо, бартараф кардани маҳдудиятҳо дар фаъолияти ҳаётии онҳо, муҳайё кардани шароитҳои мусоид, ки имконият медиҳанд фаъолона дар ҳаёти ҷамъият ширкат варзанд, инчунин вазифаҳои шаҳрвандии худро иҷро намоянд, нигаронида шудааст,

**Де факто** сиёсати давлатӣ нисбати маъюбон ҷомаи амал намепӯшад то он вақте ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ин мушкилотро дарк накунад ва хоҳиши дидани онро надошта бошад, охир ҳоло мо чизеро намехоҳем, чандин бор дар бораи ин ба мо гӯянд ҳам, мо ягон корро анҷом намедиҳем.

Имрӯз мо мехоҳем бо мисолҳо нишон диҳем, ки одамони бо имкониятҳои маҳдуд чи тавр кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа зарур будани худро нишон медиҳанд. Дар одамон мавҷуд будани ноқисиҳои ҷисмонӣ бояд ягон монеа барои фаъолияти ҳаматарафаи ҳаётии шахс набошад. Дар таърих мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки одамон бо нуқсонҳои биноӣ, шунавоӣ, узвҳои ҳаракат натиҷаҳои забардастро ба даст овардаанд, масалан натиҷаи баромади тими мунтахаби Параолимпии Россия дар олимпиадаи зимистона дар Ванкувер.



Хушбахтона дар Ҷумҳурии мо низ одамоне ҳастанд, ки кӯшиш мекунанд барои ҳамоиши одамон бо имкониятҳои маҳдуд шароитҳои мусоид фароҳам оранд. Бо яке аз онҳо мо имрӯз сӯҳбат мероем у Раиси кумитаи параолимпӣ – Боев Сафар Ёрович мебошад, ки дар соли 1994 барои шуҷоат, матонат ва фидокорӣ нишон доданаш дар замони гузаронидани марафон дар чорчархаи маъюбӣ бо хати сайри Санкт Петербург – Алмаато(дарозиаш 9 ҳазор км) ва саҳми калон дар таҳким ва инкишофи муносибатҳои дӯстона дар байни халқҳои ИДМ ва кишварҳои Балтика аз тарафи Елсин Б.Н. бо ордени Ҷасорати Федератсияи Россия сарфароз гардонда шуда буд.

**Дар бораи ташкилотатон сӯҳбат кунед, кадом ҳадафҳоро он пайгрӣ мекунад?**

Қаблан ташкилот – «Федеоатсияи варзиши маъюбӣ» номида мешуд, ки аз соли 1994 таҳти роҳбарии ман қарор дошт. Дар соли 2003 баъди аз ҷониби ҶТ ба имзо расидани як қатор созишномаҳо, «Федеоатсияи варзиши маъюбӣ» ба «Кумитаи параолимпӣ» табдил ёфт. Ташкилот ба ошкор, омода кардани варзишгарон бо имкониятҳои маҳдуд ба гузаронидани мусобиқаҳо чи дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чи дар сатҳи байналхалқӣ машғул мебошад. Дар шумори варзишгарон инчунин кӯдакон - маъюбон низ шомил мебошанд, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ дар интернатҳо, мактабҳои махсус ва ғайра таълим мегиранд.

Вазифаи мо – ошкор кардани варзишгарони қобилиятнок, тарбия кардан ва онҳоро дастгирӣ кардан аст.

Мо дар давоми солҳои тӯлонӣ дар олимпиадаҳои мухталиф, мусобиқоти ҷаҳонӣ, Осиё баромад мекунем. Чунончӣ дар соли 2002 дар бозиҳои параолимпии Осиёгӣ дар Корея дар шаҳри Бусане, Юнон, Корея, Малайзия ширкат намудем.

Натиҷаҳо низ ҳастанд, масалан варзшгари мо Хуҷамқулова Адолат дар соли 2008 соҳиби ҷоизаи Қаҳрамони ҷаҳон оид ба армрестлинг шуд.

Ҳоло, масалан мо барои иштирок дар бозиҳои параолимпии Осиёӣ, ки дар Ҷумҳурии мардумии Чин баргузор мегарданд, омодагӣ мекунем.

**Сарчашмаи молиявии кумита (Донорҳо, давлат) аз куҷо аст?**

Сарчашмаи асосии кумитаи мо, бешубҳа давлат мебошад, ки то имрӯз ба кумитаи мо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Лекин мо то ҳол мушкилоти муайянеро дар қисми маблағгузорӣ эҳсос мекунем, ки на ба таври мустақим, балки тавассути кумитаи варзиш амалӣ мегардад. Эҳтимолан муассиртар мебуд агар маблағгузорӣ мустақиман ба кумита сурат мегирифт.

Дар баробари давлат ба мо ташкилотҳои мухталифи ҷӣ хориҷӣ ва ҷӣ ватанӣ кумак ва маблағгузорӣ

мекунанд. Чунончӣ маблағгузорони доимии мо:ҶММ «Рухом» дар шахси Директори генералии он Муҳабатов Муфар мебошад. Лотореяи «Спорт лото», инчунин КВД-и «Таджикские авиалинии» дар дастрас кардани чиптаҳои ҳавопаймоӣ ба мо кумак менамоянд.

**Шумо чӣ тавр кӯдакон – маъюбонро ошкор ва ба кумита ҷалб менамоед?**

Чун ин вазифаи асосии мо мебошад, мо мунтазам ба ноҳияҳо сафар мекунем, ки дар онҷо кӯдакон-маъюбон таҳсил менамоянд. Бо онҳо сӯҳбатҳо меороем, мусобиқаҳо, олимпиадаҳо, спартакиадаҳо мегузаронем ва дар анҷоми ин мусобиқаҳо иштирокчиёнро бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз мегардонем. Ба чунин тартиб бачагони лоиқро, ки қобилияти ҳифзи шаъни ҷумҳуриро дар мусобиқаҳои параолимпӣ доранд, пайдо мекунем. Ин бачаҳоро мо дар кумитаи худамон ба қайд мегирем. Ба ин интернатҳо дар муҳайё кардани таҷҳизоти варзишӣ кумак мекунем. Дар мо интернатҳои тахассусӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ, инчунин дар ноҳияи Ҳисор, Шаҳринав ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавҷуданд. Медонед чӣ хел гуворо аст, ҳангоме, ки ба интернат меоед ва ба истиқболи шумо бачаҳо бо табассум дар лабон бо хурсандӣ шитоб мекунанд. Мутаассифона ҳоло мо ба худамон иҷозат намедиҳем ба интернатҳе, ки дар қаламрави ВМКБ ҷойгир мебошанд равем, чунки ин аввал дар масофаи дур сониян – бисёр гарон мебошад.

**Дар коратон бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавед?**

Дар баробари мушкилоти молӣ, мушкилоти аввалиндараҷаи мо – набудани маҷмааи варзишии худӣ барои омода кардани параолимпичиён ба мусобиқот мемонад. Бисёртар ба ман лозим меояд барои мусоидат дар омода кардани бачаҳои мо Сиҳати машқи озодона ба директорони толорҳои варзишӣ, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, мурочиат намоям. Мавҷуд будани маҷмааи варзишии худӣ имконият медиҳад босифаттар ва муассиртар варзишкоронро ба мусобиқаҳо омода намоем. Барномаҳо таҳия намоем ва аз рӯи реъҷа тамрин намоем, яъне бахши якум аз рӯи як намуди варзиш. Бахши дигар аз рӯи намуди дигар тамрин намояд. Роҳбарияти толорҳои варзишӣ ҳамеша ба кӯмак омодаанд ва зид нестанд то мо тамрин намоем, лекин мутаассифона ҷойгиршавии баъзе толорҳои варзишӣ, ки омодаанд бачаҳои моро қабул намоянд, барои маъюбон дастрасӣ надоранд, чунки дар онҳо даромадгоҳҳо барои чорчархаи маъюбӣ пешбинӣ нашудааст ва ғайра.

Дар омади гап ин яке аз мушкилоти асосии маъюбон на танҳо барои мо, балки дар сатҳи тамоми ҷумҳурӣ мебошад. Мавҷуд набудани дастрасӣ ба одамон бо имкониятҳои маҳдуд ба биноҳои истиқоматӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва фароғатӣ аз мушкилоти рӯз аст.

Ман хушҳол ҳастам, ки дар ҷумҳурӣ сохтмон тараққӣ карда истодааст, шаҳр зеботар ва тозатар шудааст. Лекин ин ҷо саволе ба миён меояд барои чи ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони биноҳо ва таъмирҳо, дар нақлиёти ҷамъиятӣ эҳтиёҷоти маъюбон барои дастрасӣ ба ин таъмирҳо ба назар гирифта намешавад.

**Оё барои иштироккунандагони бозиҳои параолимпӣ идрорпулӣ ҷудокарда мешавад?**

Идрорпулӣ дар он вакт ҷудо карда мешавад, ки агар ширкаткунандаи бозиҳои параолимпӣ дар мусобиқаи байналхалқӣ ҷои ҷоизадорро ишғол карда бошад (ё ҷои аввал, ё ҷои дуюм). Дар ин ҳолат ба ӯ ба андозаи 100 сомон идрорпулӣ ҷудо карда мешавад, ки дар давоми як сол пардохт карда мешавад. Дар баробари идрорпулӣ ҷоизаҳо ва тӯҳфаҳои ҳавасмандкунӣ дода мешаванд.

**P.S.**Дар мамлакатҳои тараққикарда, дар ҳолати агар эҳтиёҷоти маъюбон барои дастрасӣ ба объектҳои иҷтимоӣ ба назар гирифта нашаванд, мансабдори масъулро дар шароити ба имкониятҳои маъюбон баробар гузоштан таҷриба карда мешавад. Яъне ба мансабдор имконият медиҳанд мувақатан маъюб бошад, аз он хотир ки мансабдор тамоми мушкилот ва монеаҳоро дар худ эҳсос намояд. Ва чунин таҷриба ба дигар шудани муносибат ба одамон бо имкониятҳои маҳдуд ба самти мусбат оварда расонд.

Масалан дар шаҳри Сочи Эдуард Сой, муовини сардори раёсати меъморӣ ва шаҳрсозии маъмурияти ш. Сочи дар чорчархаи маъюбӣ барои он нишаст то омодагии шаҳрро бисанҷад, ки то чи андоза ба қабули Бозиҳои параолимпии соли 2014 омода аст. Ӯ бояд ҳамагӣ масофаи фақат 3 километр роҳро тай мекард. Меъмор мустақилона хати сайри мазкурро тай карда натавонист. Сабаб дар сифати пасти қабати роҳ ва набудани пандусҳои махсус буд. Эдуард Сой қарор кард, ки чунин санҷиш натиҷаҳои объективӣ медиҳад: «Шаҳр сохта мешавад, васеъ мешавад, сохтмони минбаъдаи он бе ин талабот ғайриимкон аст».

Хокимияти шаҳр ваъда кард: натиҷаҳои санҷиш ҳангоми лоиҳакашии биноҳои нав ва кӯчаҳои Сочи ба назар гирифта хоҳанд шуд.

Пас барои чи дар мо дар ҷумҳурӣ ин таҷрибаро ҷорӣ накунанд. Масалан ба мансабдори воломақом имконият диҳанд мустақилона дар чорчархаи маъюбӣ аз хона то ҷои кораш равад.

# Машварати ҳуқуқӣ



***Хонандагони мӯҳтарам дар ин шумораи маҷалла ба диққати Шумо машваратҳое пешниҳод мегарданд, ки саволҳо барои онҳо аз ҷониби кормандони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ҳифзи иҷтимоӣ, нозирони шӯъбаҳои маориф, нозирони хизмат оид ба пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон дар тренинги маърифатӣ - ҳуқуқӣ, ки Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» дар ноҳияи Қубодиён доир намуда буд, пешниҳод шуда буданд.***

***Мо итминон дорем, ки машваратҳои пешниҳодшудаи мо на танҳо ба кормандоне, ки онҳоро доданд, балки ба кормандони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки дигар ноҳияҳо, ки дар фаъолияти худ бо чунин масъалаҳо рӯ ба рӯ мешаванд, инчунин ба ҳамаи хонандагони маҷаллаи мо низ кумак мерасонанд.***

**Андозаи алиментҳое, ки ба тартиби судӣ барои кӯдакони ноболиғ ситонида мешаванд чӣ қадар аст?**

Алиментҳо барои кӯдакони ноболиғ аз волидайни онҳо ба таври судӣ ҳар моҳ ба андозаи: барои як фарзанд - чоряк, барои ду фарзанд - сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он - нисфи музди меҳнат ва даромади дигари падару модар.

Ҳаҷми ин ҳиссаҳо метавонад бо назардошти вазъи моддӣ ва оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷӯҳ аз ҷониби суд кам ё зиёд шавад.

Агар кӯдакон таҳти таъминоти пурраи давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ қарор гирифта бошанд, суд ҳуқуқ дорад андозаи алиментро кам кунад ё аз пардохти он озод намояд. Маблағҳое, ки аз падару модар барои таъминоти кӯдакони дар муассисаҳои кӯдаконаи давлатӣ ҷойгиркардашуда пардохта мешаванд, дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қисми якуми ҳамин модда ба ҳисобномаҳои шахсии тарбиятгирандагон дар бонкҳои амонатӣ гузаронида мешавад. (Моддаи 81 Кодекси оилаи ҶТ)

**Оё алиментдиҳанда вазифадор аст ба алиментгиранда дар бораи тағйири ҷои кор хабар диҳад?**

Албатта вазифадор аст, чунки мутобиқи моддаи 112 Кодекси оилаи ҶТ маъмурияти ташкилоте, ки бо ҳалномаи суд ё созишномаи аз ҷониби идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи пардохти алимент алиментро нигоҳ медошт, вазифадор аст, ки дар муддати се рӯз ба иҷрочии суди маҳали иҷрои ҳалнома дар бораи ситонидани алимент ва ба шахси алиментгиранда дар хусуси аз кор озод шудани шахси алиментдиҳанда ва агар маълум бошад, дар хусуси ҷои нави кор ё истиқоматӣ ё хабар диҳад. (Конун №183 аз 29.04.06с.)

Шахсе, ки барои додани алимент ӯҳдадор аст, бояд дар мӯҳлати з рӯз ба иҷрочии суд ва ба алиментгиранда дар хусуси дигар шудани ҷои кор ё истиқоматаш ва дар сурати додани алимент ба кӯдакони ноболиғ инчунин дар хусуси музди кор ё даромади дигари иловагӣ хабар диҳад.

Дар сурати бо сабабҳои беасос хабар надодани маълумоти дар боло зикргардида, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони дигаре, ки дар ин кор гунаҳгоранд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Оё имкон дорад кӯдак аз падару модар гирифта шавад ва ҳамзамон падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда нашаванд?**

Суд метавонад бо назардошти манфиати кӯдак дар бораи гирифтани кӯдак аз падару модар (яке аз онҳо) бе маҳрум кардани онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ

(мадуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ) ҳалнома қабул намояд.

Гирифтани кӯдак инчунин дар ҳолате мумкин аст, ки агар гузоштани кӯдак бо падару модар (яке аз онҳо) ба сабаби бадрафториашон барои кӯдак хатарнок буда, вале барои маҳрум кардани падару модар (яке аз онҳо) аз ҳуқуқи падару модарӣ асоси кофӣ вуҷуд надорад. Агар падару модар (яке аз онҳо) дар давоми шаш моҳи баъди аз ҷониби суд гирифтани кӯдак рафтори худро ислоҳ накунанд, мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд, ки дар хусуси аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани ё даъво пешниҳод намоянд. Мақомоти васоят ва парасторӣ ҳуқуқ доранд ба манфиати кӯдак то гузаштани ин мӯҳлат дар мавриди маҳрум кардани волидайн ( яке аз онҳо) аз ҳуқуқи падару модарӣ даъво пешниҳод кунанд. Мақомоти васоят ва парасторӣ ҳуқуқ доранд ба манфиати кӯдак то гузаштани ин мӯҳлат дар мавриди маҳрум кардани волидайн ( яке аз онҳо) аз ҳуқуқи падару модарӣ даъво пешниҳод кунанд.



**Ман 15 солаам, мехоҳам ном ва номи падарамро иваз кунам, оё ин мумкин аст ва агар мумкин бошад ба куҷо муроҷиат намоям ва кадом ҳуҷҷатҳо талаб карда мешаванд?**

Мутобиқи моддаи 67 Қонуни ҶТ «Дар бораи бакайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» иваз намудани ном, номи падар, фамилия аз тарафи шахсе, ки ба балоғат нарасидааст, дар сурати мавҷуд будани розигии падару модар, ба фарзандӣ қабулкунандагон ва ё парастор гузаронида мешавад. Дар ҳолати набудани чунин розигӣ дар асоси ҳалномаи суд, ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс то ба балоғат расидан бо тартиби муқаррарнамудаи қонун пурра қобили амал шуда бошад.

Ҳангоме, ки ба синни 16 солагӣ расидед Шумо метавонед бо ариза дар бораи иваз кардани фамилия, ном ва номи падар ба моқомоти САҲШ муроҷиат намоед.

Дар ариза бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

- ном, номи падар, фамилия, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, ҷои истиқомат, ҳолати оилавии (дар никоҳ аст ё не, муҷаррад, никоҳ бекор карда шудааст) аризадиҳанда;

- ном, номи падар, фамилия, санаи таваллуди ҳар як кӯдаки аризадиҳанда, ки ба балоғат нарисидаанд;

- реквезитҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки қаблан нисбати аризадиҳанда ва нисбати ҳар яке аз фарзандон, ки ба балоғат нариасидаанд;

- интихоби фамилия,ном ё номи падар аз ҷониби шахсе, ки хоҳиши иваз кардани фамилия, ном ва номи (ё) падарро дорад;

- шаҳодатнома дар бораи таваллуди шахсе, ки хоҳиши иваз кардани фамилия, ном ва (ё) номи падарро дорад;

- шаҳодатнома дар бораи никоҳ дар ҳолате, ки агар аризадиҳанда дар ақди никоҳ бошад;

- шаҳодатнома дар бораи бекор кардани ақди никоҳ дар ҳолате, агар аризадиҳанда дар бораи барқарор кардани фамилияи то ақди никоҳдошта ҷиҳати бекор кардани ақди никоҳ дархост пешниҳод намояд;

- шаҳодатнома дар бораи таваллуди ҳар як кудаки аризадиҳанда;

- шаҳодатнома дар бораи фарзандхондӣ ё шаҳодатнома дар бораи муқаррар кардани падарӣ дар ҳолате, ки агар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сабти давлатии фарзандхондӣ (духтархондӣ) ё муқаррар кардани падарӣ анҷом дода бошад.

**Дар кадом мӯҳлат бояд ариза дар бораи иваз кардани фамилия, ном ва номи падар баррасӣ мегардад?**

Ариза дар бораи иваз намудани фамилия, ном ва (ё) номи падар бояд аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муддати на дертар аз се моҳ аз рӯзи додани ариза баррасӣ карда шавад.

Бо сабабҳои узрнок (нагирифтани нусхаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба он бояд тағйирот ворид карда шавад ва ғайра) мӯҳлати баррасӣ намудани ариза оид ба иваз намудани фамилия, ном ва (ё) номи падар метавонад аз тарафи роҳбари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилоятӣ, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳур бошад, аз тарафи роҳбари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ ба мӯҳлати шаш моҳ дароз карда мешавад.

Агар дар ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандие, ки якҷоя бо ариза дар бораи иваз намудани фамилия, ном ва (ё) номи падар пешниҳод шудаанд, маълумоти онҳо ба ҳам мувофиқат накунанд, чунин номувофиқатиҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои дохил намудани ислоҳ ва тағйирот дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бартараф карда мешаванд.

Дар сурати зарур будани барқарор намудан ва ё тағйир додани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мӯҳлати дар қисми 2 моддаи мазкур нишондодашуда то ҳал шудани масъала дар бораи барқарор кардан ва ё тағйир додани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ боздошта мешавад.

**Оқибатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи падарию модарӣ чӣ тавранд ва оё дар ин ҳолат волидайн метавонанд бо кӯдаки худ муошират кунанд?**

Оқибати маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ:

- падару модаре, ки суд ҳуқуқи падару модариашонро маҳдуд кардааст, ҳуқуқи шахсан тарбия кардани кӯдак, инчунин ҳуқуқи имтиёзу ёрдампулии давлатии барои шаҳрвандони кӯдакдор муқарраргардидаро аз даст медиҳанд.

- Аз падару модар гирифтани кӯдак падару модарро аз ӯҳдадории таъминотии онҳо озод намекунад.

- Кӯдаке, ки нисбати вай ҳуқуқи падару модар (яке аз онҳо) маҳдуд карда шудааст, ҳуқуқи моликиятии худро ба манзили истиқоматӣ, ё ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ, инчунин ҳуқуқи амволиеро, ки дар асоси далели хешӣ бо падару модар ва хешовандони дигар муайян шудаанд, аз ҷумла ҳуқуқи гирифтани меросро нигоҳ медорад.

- Кӯдаки аз падару модар (падару модар) гирифташуда ба тарбияи мақомоти васояту парасторӣ супурда мешавад.

- Ба падару модаре, ки суд ҳуқуқи падару модариашонро маҳдуд кардааст, мумкин аст барои муошират бо кӯдак иҷозат дода шавад , ба шарте, ки он ба кӯдак таъсири зарарнок надошта, ба ҳаёту саломатии кӯдак хатарнок набошад. Муоширати падару модар бо кӯдак бо розигии мақомоти васояту парасторӣ ё васӣ (парастор) ва ё маъмурияти муассисае, ки кӯдак дар он мебошад, мумкин аст.

**Оё ман ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ба кӯдак фамилияи духтариамро дода метавонам, агар шавҳари ман ба ин зид набошад?**

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни ҶТ«Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» фамилияи кӯдак дар вақти бақайдгирии давлатии таваллуд бо фамилияи падару модараш сабт карда мешавад. Дар сурати гуногун будани фамилияи падару модар фамилияи кӯдак бо мувофиқаи падару модар бо фамилияи падар ё бо фамилияи модар ё ин ки бо номи падар сабт карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани розигии байни падару модар номи кӯдак ва (ё) фамилияи ӯ (дар сурати фамилияҳои гуногун доштани падару модар) дар сабти асноди таваллуди кӯдак аз рӯи қарордоди мақомоти васоят ва парасторӣ сабт карда мешавад.

Ба ин тартиб агар шавҳари Шумо бар зидди додани фамилияи духтарии Шумо ба кӯдак набошад дар он ҳолат ба Шумо ва шавҳари Шумо зарур аст бо ариза дар шакли хаттӣ ба номи сардори шӯъбаи САҲШ дар ҷои истиқомат мароҷиат намояд.

**Оё ман падариро муқаррар карда метавонам, агар бо модари кӯдак, ки ҳангоми таваллуди ӯ вафот карда буд, дар ақди никоҳ набошам ва барои ин кор ба куҷо мурочиат намоям**?

Албатта Шумо метавонед падариро муқаррар намоед. Барои ин ба Шумо зарур аст бо ариза дар шакли хаттӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ ба мақомоти САҲШ мурочиат намоед.

Дар ариза бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

- ном, номи падар, фамилия, сана ва ҷои таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, ҷои истиқомати шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф мекунад;

- ном, номи падар, фамилия, ҷинс, сана ва ҷои таваллуди кӯдак, реквизитҳои сабти санад дар бораи таваллуди ӯ;

- маълумот дар бораи санаде, ки вафоти модарро тасдиқ мекунад, ғайри қобили амал донистани ӯ, ғайриимкон будани муқаррар кардани ҷои буду боши ӯ ё аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум кардани ӯ;

- реквизитҳои ҳуҷҷате, ки шахсияти падарро тасдиқ мекунанд;

Аризадиҳанда аризаро имзо мекунад ва санаи тартиб додани онро нишон медиҳад.

Ҳамзамон бо пешниҳоди чунин ариза бояд шаҳодатномаи вафоти модар низ пешкаш карда мешавад.

Инчунин зарур аст ҳангоми пешниҳоди ариза дар бораи муқаррар кардани падарӣ нисбати шахсе, ки ба сини балоғат нарасидааст,падар ҳамзамон дар баробари ариза бояд ҳуҷҷате, ки Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак додаст ва розигии ин мақомоти мазкурро барои муқаррар кардани падарӣ тасдиқ мекунад, пешкаш кунад.

**Таҳияи Р. Шукуров**

# НАҚШИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Хонандагони мӯҳтарам, мо сарлавҳаи худро, ки дар он масъалаҳои вобаста ба муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, идома медиҳем ва имрӯз мавзӯи гуфтугӯи мо азназаргузаронии имкониятҳои қонунии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия хоҳад буд.**

**ПАРВИЗ АСТАХОВ**

*Ҳуқуқшинос – мутахассис*

Дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳарф зада, якчанд калима дар бораи он хоҳем гуфт, ки Ҷомеаи шаҳрвандӣ худаш чист. **Ҷемеаи шаҳрвандӣ** – ин маҷмӯи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, коллективҳо мебошад, ки бо манфиатҳои махсус муттаҳид шуда, дар соҳаи фаъолияти ғайридавлатӣ амалӣ мегарданд ва имконият медиҳанд амали давлатро назорат кунанд. Дигар карда гӯем, ин соҳаи ҳаёти одамон, ки орӣ аз таъсири давлат, лекин ҳамзамон муташаккил, мураттаб аз дохил ва бо давлат дар ҳамкории мутақобила мебошад.

Муассирияти ҳамкории мутақобила дар навбати аввал аз дараҷаи озодӣ, масъулият ва фаъол будани шаҳрвандон вобаста аст. Сониян аз инкишоф ва муассирияти иқтисоди бозаргонӣ ва ахиран аз рушди институтҳои ҳуқуқӣ ва демократии давлат вобаста мебошад.

Давлат воситаи муайяни ташкили ҷамъият мебошад. Он дар алоҳидагӣ аз афкори ҷамъиятӣ берун буда наметавонад. Аз ин хотир, яъне аз фаъолнокии одамони озод, масъул, мароми зиндагии онҳо, дараҷаи маданияти шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маърифат ва масъулияти онҳо сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва муассир вобаста мебошад, ки дар он коррупсия дар сатҳи ниҳоӣ коҳиш ёфта бошад.

> «Аҳли ҷомеа ҳам бояд аз мубориза бо коррупсия дар канор намонад. Дар мубориза бо коррупсия диққатро бояд қабл аз ҳама ба бартараф кардани сабабҳо, омилҳо ва шароитҳое, ки ба пайдо ва паҳн шудани он мусоидат мекунанд, дода шавад». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парламент аз 25 апрели соли 2008)

Бе дифои одам аз ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба зиндагии лоиқ, ҳуқуқ ба қадру қимат, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, ташаккул ва инкишофи шахсияти озод, масъул ва созанда ғайриимкон аст. Бе дифои одам аз ҳуқуқҳои иқтисодии худ, ба мисли ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, ҳуқуқ ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқҳои баробари рақобат, ташаккули соҳибкории хурд ва миёна, ташаккули иқтисодиёти муассир, синфи миёна, ки асоси ҷомеаи шаҳрвандианд ғайриимкон аст, Бе дифои инсон аз ҳуқуқҳои худ ба иштирок дар идораи корҳои давлат чӣ мустақим ва чӣ аз тариқи намояндагони худ, ҳуқуқ ба гирифтани маълумот, барқарор кардани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳокимият, ки давлатро маҷбур мекунад қонунҳоро иҷро ва ба манфиати ҳамагон муассир кор кунад, ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, чараёни барҳам додани сабабҳои коррупсия, яъне ғайримуассир будани давлат, ҷомеаи шаҳрвандии инкишофнаёфта, характери пинҳонии самти ашёи хоми иқтисодиёт, ва ахиран қонунгузории барои ришва мусоид бояд аз ҳар як одами алоҳида, аз худмуайянкунӣ ва худнишондиҳии шаҳрвандии ӯ шурӯъ шавад. Мубориза бо коррупсия ин муборизаи шаҳрвандон барои ҳуқуқҳои худ, барои ҳокимияти давлатии масъул, поквиҷдон ва муассир, ва дар маҷмӯъ барои зиндагии лоиқ, беҳатар ва муваффақ мебошад.

Барои муборизаи муассир бо коррупсия, барои аз байн бурдани он зарур аст институтҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), мақомоти худидораи маҳаллӣ, таъсири онҳо ба мансабдорон мустаҳкам карда шавад, ба қонунҳо чунин тағиротҳо ворид карда шаванд, ки ҳокимиятро шаффоф гардонанд, иштироки ҷомеаро дар раванди идора пешбинӣ намоянд, аз ҷумла дар раванди қонунбарорӣ, дар раванди буҷетӣ ва интихобот, инчунин назорати ҷамъиятиро аз болои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ муқаррар намояд. Аҳамияти ҳалкунандаро инкишофи системаи маълумоти шаҳрвандӣ ва ҷалби чӣ институтҳои ҷамъиятӣ ва чӣ ҳукуматӣ ба он касб мекунад.

Бо мақсади кӯшиши муайян кардани ҷой ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон «ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» қонунгузории зиддикоррупсиониро аз назар гузаронид. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия бо санадҳои зерини меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст:

- ***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» № 100, шаҳри Душанбе 25 июли соли 2005;***
- ***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия» аз 20 марти соли 2008, № 374;***
- ***«Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012»аз 26 январи соли 2008 № 34;***
- ***«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми то соли 2015», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 № 704 тасдиқ шудааст;***
- ***Фармон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди таҳкими мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия», аз 21 июли соли 1999 № 1262.***

Сарчашмаи ҳуқуқии байналмилалӣ, ки иштироки ҷомеаро дар мубориза бо коррупсия пешбинӣ менамояд «Муоҳидаи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия» аз 03.10. с. 2003 мебошад, ки дар он даъвати давлатҳо иштирокчиён оиди таъмини шаффофият, ҳисоботи ошкоро, ташаккули сиёсат ва иштироки ҷомеа дар мубориза бо коррупсия инъикос гардидааст.

Ҳоло биёед баррасӣ намоем, чӣ тавр нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур инъикос ёфтааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» ва «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуҷҷатҳои асосии миллии зиддикоррупсионӣ буда, се моддаро дар бар мегиранд, ки дар онҳо иштироки аҳолии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори умум дар мубориза бо коррупсия ошкоро эълон карда мешавад.

Стратегияи миллии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 яке аз аҳдофи асосиро идораи муассир ва шаффофи давлатӣ, ҷамъияти одилона муайян менамояд, ки ҳифз ва инкишофи инсонӣ, инчунин рушди босуботи иқтисодиро таъмин менамояд. Ислоҳоти идораи давлатӣ, ки ба ташаккули системаи инкишофи миллӣ равона шудааст ва хусусияти асосии он шаффофият, ҳисоботдиҳанда будан дар мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад, яке аз авлавиятҳои амалишавии бомуваффақияти Стратегияи миллии инкишоф мебошад.

Фармон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди таҳкими муборза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия» бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ташкили нашри мунтазами вазъи мубориза бо ҷинояткории иқтисодӣ ва коррупсия, инчунин барномаҳое, ки ба баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ равона карда шудаанд, вогузор кардааст.

Страгегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 ҳуҷҷати стратегӣ оид ба муқовимат бо коррупсия ба ҳисоб меравад. Стратегия ҳамкории фаъоли байналхалқӣ ва кумаки байниҳамдигарӣ бо ташкилотҳои байналхалқиро дар чорчӯбаи ҳамоҳангии мубориза бо коррупсия пешбинӣ менамояд, дастгирии ҷамъиятӣ бошад яке аз унсурҳои калидии мубориза бо коррупсия эътироф карда мешавад.

Фасли 4 стратегия ба имконияти иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини шаффофият дар мубориза бо коррупсия бахшида шудааст, ки дар он муҳим будани иштироки васеи аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ВАО дар мубориза бо коррупсия қайд гардидааст, инчунин воситаҳои таъминоти ошкор ва муассири мубориза бо коррупсия номбар карда мешаванд, ки инҳоянд:

- *<u>таҳкими шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки аҳолӣ дар раванди қабули қарор аз ҷониби ин мақомот;</u>*
- *<u>таъмини дастрасии васеи аҳолӣ ба иттилоот;</u>*
- *<u>гузаронидани чорабиниҳое, ки ба фароҳам овардани фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба падидаҳои коррупсия, баланд бардоштани фаъолнокии аҳолӣ дар мубориза бо коррупсия ва таҳкими ҳифозати ашхосе, ки дар мубориза бо коррупсия мусоидат менамоянд;</u>*
- *<u>амалисозии барномаҳои маърифатӣ, тавзеҳи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ;</u>*

Илова бар он фасли мазкур ба сифати олоти ба маълумоти умумӣ расонидани мундариҷаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд:

- *нашри санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар расонаҳои (нашриҳои) расмӣ;*
- *нашри тафсирҳо ва китобҳои амалӣ;*
- *таблиғоти ҳуқуқӣ.*

Дар баробари ин, стратегияи мубориза бо коррупсия имконоти заъиф ва ғайрифаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори умумро дар мубориза бо коррупсия қайд менамояд ва як қатор тавсияҳоро пешниҳод мекунад, ки инъикоси худро дар матрисаи махсуси чорабиниҳо оид ба ҷалби ҷомеа ёфтаанд, аз ҷумла зарур аст:

- ҷалби фаъоли институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори умум дар муқовимат бо коррупсия, таъмини шаффофият, ошкорият ва росткорӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ;
- ташкили комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби намояндагони равшанфикрон, рӯҳониён, собиқадорони ҷанг ва меҳнат, соҳибкорон ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳайати онҳо;
- ҷалби соҳибкорон ба иштирок дар барномаҳои зиддикоррупсионӣ;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани иттилоотонии аҳолӣ, таълими намояндагони секторҳои давлатӣ шахсӣ ва аҳолӣ роҷеъ ба сабабҳо ва пайомадҳои коррупсия ва мубориза бо он, дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ;
- нашри адабиёт, китобҳои айёнӣ, ба саҳна гузоштани намоишҳо, филмҳо ва барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯи коррупсия;
- чораҳои ҳавасмандкунии моддӣ барои ашхосе, ки дар ошкор ва кушодани ҳодисаҳои бисёр муҳими коррупсия мусодат менамоянд.

Равшан аст, ки қонунгузор ҷомеаро ваколатҳои васеъ надодааст, ки мумкин бошад дар бораи нақши ҳалкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия ҳарф зад. Вобаста аз санадҳои меъёри-ҳуқуқии баррасишуда метавон бо ҷуръат гуфт, ҳамаи мо бо Шумоён метавонем дар мубориза бо коррупсия тавассути амалҳои муайян, нашриёт, корҳои таблиғотӣ, барномаҳои маърифатии ҳуқуқӣ, озмунҳо, филмҳо, песаҳо, барномаҳои радиоӣ дар мавзӯи коррупсия кӯмак намоем.

Яке аз ҷойҳои осебпазири санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ин характери декларативии меъёрҳои ҳуқуқӣ



мебошад, яъне қонунҳо ва фармонҳо фақат принсипҳои умумии ҳамкорӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дар муқовимат бо коррупсия эълон мекунанд.

## ХУЛОСА

*Принсипҳои байналхалқии мубориза бо коррупсия дар самти шаффофият, ҳисоботдиҳанда будан ва иштироки ҷомеа қисман инъикоси худро дар санадҳои меёрӣ ҳуқуқии асосӣ ёфтаанд, лекин характери ин меъёрҳо мисли пештара характери декларативӣ доштани худро идома медиҳанд. Чунки дар ягон санади қонунгузории зиддикоррупсионии миллии дохилӣ механизми пурраи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба иштирок дар мубориза бо коррупсия ва таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳанда будани раванди мубориза бо коррупсия нест.*

*Албатта, хуб аст, ки ҳокимияти мо принсипи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ оиди муқовимат бо коррупсияро дарк мекунанд ва эълом медоранд, лекин бе механизмҳои махсус, муколамаи ҳокимият бо ҷомеаи шаҳрвандӣ принсипҳои хуб ва пурдабдаба дар таърихи ҳаракати зиддикоррупсионии Тоҷикистон бетаъсир ва амалинашаванда боқӣ мемонад.*

*Аз тарафи дигар мо гуфта будем, ки Стратегияи мубориза бо коррупсия ғайрифаъол будани ҷомеаи шаҳрвандиро дар мубориза бо коррупсия қайд менамояд, аз ин лиҳоз ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд кушиш кунад ва ташаббуси ҷамъиятиро дар таҳияи механизми амалисозии принсипҳои иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия нишон диҳад. Ташаббуси ҷамъиятӣ ба мо имконият медиҳад дар такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва механизми амалисозии он саҳмгузор бошем, ба давлат мавқеи мустаҳками ҷомеаи шаҳрвандиро оиди аз байн бурдани ин падидаи манфии иҷтимоӣ, ҳамкории давлат дар аз байн бурдани коррупсия ва ахиран амалисозии принсипи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия нишон диҳем.*

*Бо ин мақсад мо хонандагони мӯҳтарами худро даъват менамоем оиди масъалаи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия ва ташаббуси ҷамъиятӣ оиди таҳияи механизми ширкати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин мубориза фаолтар фикр кунанд.*

# «ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ РУШДИ ҶОМЕЪАИ ШАҲРВАНДИИ САМАРАБАХШ ҶИҲАТИ ДАСТГИРИИ ТАБАҚАҲОИ ОСЕБПАЗИРИ АҲОЛӢ, ТАЪМИНИ ҲИСОБОТПАЗИРИИ ҶАМЪИЯТҲО, ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ ВА ҲОКИМИЯТ ДАР САТҲИ МИЛЛӢ»

***Ҳуқуқҳо барои дастрасии озод ба иттилоот***

**Тарафҳои қавӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳоро ба дастрасии озод ва паҳн намудани иттилоот (ба истиснои маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ аст) пешбинӣ менамояд.

**Тарафҳои суст**

*Қонунгузорӣ:* Дар амалия шаклҳои гуногуни маҳдуд намудани дастрасӣ ба иттилооти иҷтимоиву муҳим пайдо мешаванд ва аз он вобастаанд, ки қонун ба институтҳои давлатӣ ваколатҳои васеъ дар махфӣ кардани иттилоот додааст. Аксари вакт шахсони мансабдор мустақим ва ё ғайримустақим ҷиҳати ба шаҳрвандон пешниҳод намудани ягон маълумот бо сабаби махфӣ будани он рад мекунанд.

Амалия нишон медиҳад, ки намояндагони ҳокимияти Тоҷикистон бе майлу рағбат бо ВАУ- и мустақил ҳамкорӣ менамоянд. Супориши шахси мансабдори болоӣ- иттилоотро бе иҷозати ӯ надиҳанд, сабаби асосии пешниҳод накардани иттилооти ҷамъиятии муҳим аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ мегардад.

Беиттилоотонии ҷомеа, пинҳон намудани далелҳои воқеӣ ин сарчашмаҳои асосии овозаҳо мебошанд, ки чун нишондиҳандагони «тарафҳои манфӣ ва мусбати ҳаёти ҷомеаи мо» баромад намуда, «холигии иттилоотиро» пур мекунанд ва шакли алтернативии паҳн намудани маълумот мебошанд.

*Сохторӣ: Марказонидани иерархӣ ва маҳдудияти ваколатҳо дар системаи идоракунии давлат ба раванди табодули иттилоот ба таври манфӣ таъсир мерасонад.*

*Ҳудудӣ: Набудани имконоти тамошо кардани шабакаҳои асосии телевизиони ҷумҳуриявӣ ва шабакаҳои Россия дар ноҳияҳо ва маҳалҳои дурдаст*

*Иқтисодӣ: Дастрас набудани ба қувваи барқ;* бо сабаби сатҳи пасти зиндагӣ аксари оилаҳо ба харидани нашрияҳои иттилоотӣ имконият надоранд.

*Фарҳангӣ: Сатҳи пасти фарҳангии аҳолӣ, аз ҷумла бесаводӣ ба дастрасии аҳолӣ ба иттилоот ба таври манфӣ таъсир мерасонад. Набудани кормандони соҳибихтисос дар самтҳои гуногуни соҳаи рӯзноманигорӣ раванди сифатноки иттилоотонии аҳолиро суст мегардонад.*

**Тавсияҳо:**

- Дар сатҳи қонунгузорӣ гузаронидани таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ВАО-ро танзим менамоянд ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати такмили онҳо мақсаднок аст
- Ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва муҳаррирони нашрияҳои маҳаллӣ дастгирӣ ва пешниҳод намудани шароитҳои имтиёзнок барои равшанӣ андохтан дар матбуот, ё дар сайтҳои расмии ҳокимияти давлатӣ натоиҷи тадқиқотҳо / пурсишҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва соҳаи такмил додани идоракунии давлат, ҳам аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ҳам иҷтимоӣ.
- Ба роҳбарони мақомоти давлатӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ташкил намудани стендҳои иттилоотӣ барои ҷойгир намудани рӯзномаҳои маҳаллӣ, ки барои дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ ба аҳолӣ муфид аст
- Ба ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ ва маҳаллӣ паҳн намудани иттилоот дар байни аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ.
- Ташкил намудани бунгоҳҳои иттилоотиву машваратӣ дар маҳалҳои аҳолинишин

***Фаъол намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ***

**Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

**Тарафҳои қавӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ваколатҳои васеъ додааст, онҳо дар муайян намудани сохтори дохилии худ, мақсадҳо, шаклу усулҳои фаъолияти худ озод мебошанд.

**Тарафҳои суст**

Мақомоти давлатӣ ба рушди институтҳои шаҳрвандӣ чандон диққат намедиҳад. На ҳамаи мақомоти давлатӣ оид ба принсипу хусусиятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хабар доранд. Сатҳи пасти боварӣ ба ҳамдигар. Аз тарафи мақомоти давлатӣ (ҳам аз тарафи ҷамъият) нобоварии муайян нисбат ба он, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо кадом маблағ фаъолият мекунанд зоҳир мегардад. Мақомоти маҳаллӣ бинобар наздик будан ба аҳолӣ зарурияти ҳамкориро бештар дарк мекунанд, вале надоштани ваколат ба онҳо монеа мегардад- бештар барои фаъолият дар сатҳи маҳаллӣ розигии мақомоти болоӣ зарур аст.

Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар роҳи баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чун талабот ба мақомоти давлатӣ парокандагии бахши ҷамъиятӣ мебошад. Сохторҳои шаклӣ ва ғайришаклии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳоло суст ташаккул ёфтаанд ва муҳити ҷомеаи муттаҳидро ташкил накардаанд. Ҳамкории институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳамдигар ба қадри кофӣ таъмин нагардидаанд, дастрасии паст ба иттилооти байниҳамдигар мушоҳида мегардад. Ҳол он ки барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муттаҳидӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштарак ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои худ зарур аст. Фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ноустувор буда, аз маблаггузории хориҷӣ вобаста аст. Нарасидани донишҳои касбӣ ва махсус дар соҳаи менеҷмент (идоракунӣ) ба мушоҳида мерасад. Маҳдуд будани захираҳои инсонӣ, иқтисодӣ ва техникӣ ба тайёр намудани ҳисоботҳои комил ва воқеӣ, ки ба мақомоти давлатӣ ирсол мегарданд, таъсир мерасонад.

**Тавсияҳо:**

- Бо мақсади ҳамкории самарабахш бояд шаффофияти дуҷонибаро инкишоф дод. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд ташаббус нишон дода, ҷиҳати якҷоя ҳал намудани мушкилӣ бо мақомоти давлатӣ дар робита бошанд.
- Мунтазам пешниҳод намудани ҳисобот ба аудиторияи васеъ, инчунин ба тарафҳои манфиатдор (яке аз усулҳои асосии баланд бардоштани шаффофият)
- Мақомоти давлатӣ бояд системаи ҳамкориро бо бахши ҷамъиятӣ инкишоф диҳанд.
- Ташкили сохтори машваратии ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ бо ҷалб намудани иттиҳодияҳои давлатӣ
- Ҷалб намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба таҳия ва экспертизаи лоиҳаи қонунҳо
- Васеъ гардонидани фармоиши давлатӣ ба иҷро намудани корҳо байни ТҒД
- Андешидани тадбирҳо оид ба таассури мақомоти давлатӣ ба маводи таҳлилие, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳод мегарданд дар қисми истифодаи онҳо дар раванди қабули қарор

**ВАУ**

**Тарафҳои қавӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати озодии матбуотро пешбинӣ менамояд.

**Тарафҳои суст**

Дар ҷумҳурӣ матбуот ҳаррӯза вуҷуд надорад, рушди сусти матбуот дар минтақаҳо ба мушоҳида мерасад.

Ба паҳн намудани ВАУ системаи душвори амалкунандаи бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо таъсир мерасонад.

Душвориҳо дар тайёр намудани рӯзноманигорони баландихтисос пайдо мешаванд, махсусан оид ба равшанӣ андохтан ба масоили иқтисодӣ.

**Тавсияҳо:**

- Ҷалби васеи намояндагони ВАУ ба татбиқи лоиҳаҳо.
- Дастгирӣ ва васеъ гардонидани барномаҳои кӯмакрасонӣ оид ба барқаросозии ВАУ- и маҳаллӣ.
- Таҳияи барномаҳо оид ба баланд бардоштани тахассуси рӯзноманигорон ҷиҳати равшанӣ андохтан ба масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.
- Имтиёз барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар равшанӣ андохтан ба масоили иқтисодӣ, ки рекламаро дар бар намегирад
- Кушодани фаслҳои алоҳида барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ

# Машварати ҳуқуқӣ

**САВОЛ Масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси мансабдор ва шахсони ба онҳо баробар барои қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ тибқи кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешаванд?**

**ҶАВОБ** То кунун санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ҷораҳои ҷавобгариро барои содир кардани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ пешбинӣ менамоянд, инҳо мебошанд:

- Қунуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» аз 25.07. с.2005 № 100;
- Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» аз 31.12. с.2008;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05. с. 1998.

**САВОЛ Кадом намудҳои ҷавобгарӣ барои содир намудани қонунвайронкуниҳои характери коррупсионӣ дошта дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд?**

**ҶАВОБ** Барои содир кардани қонунвайронкуниҳои характери коррупсионӣ дошта намудҳои зерини ҷавобгарӣ пешбинӣ шудаанд:

- Ҷавобгарии интизомӣ;
- Ҷавобгарии маъмурӣ;
- Ҷавобгарии ҷиноятӣ.

**САВОЛ Дар кадом ҳолатҳо ба шахсе, ки қонунвайронкунии коррупсиониро содир намудааст, ҷораҳои ҷазои маъмурӣ татбиқ мешаванд?**

**ҶАВОБ** Барои содир кардани қонунвайронкунии характери коррупсионӣ дошта ҳангоми мавҷуд набудани таркиби кирдори ҷиноӣ, барои содир кардани қонунвайронкунии коррупсионӣ, ки моддаи 1 қисми 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бо коррупсия» пешбинӣ менамояд, метавонанд чунин ҷораҳои ҷазои интизомӣ ба мисли сарзаниш, танбеҳ ва сабукдӯш кардан аз вазифа татбиқ шаванд.

**САВОЛ Агар нисбати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии коррупсионро содир кардааст ҷораҳои ҷазои маъмурӣ андешида шуда бошанд, оё маъмурияти муассиса, ки дар он шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии коррупсиониро содир кардааст кор мекунад ҳуқуқ дорад нисбати ӯ инчунин ҷораҳои ҷавобгарии интизомиро татбиқ намояд?**

**ҶАВОБ** Нисбати ҳуқуқваронкуниҳое, ки характери коррупсионӣ доранд метавонанд ҷораҳои ҷазои маъмурӣ андешида шаванд, лекин дар ин асно шахси мансабдор, ки нисбати ӯ ҷораҳои ҷазои маъмурӣ андешида шудаанд аз ҷавобгарии интизомӣ озод намегардад, яъне ба иловаи ҷораҳои ҷазои маъмурӣ, ки аз ҷониби маъмурияти муассиса нисбати шахси ҳуқуқваронкунӣ содир карда андешида шудаанд метавонанд ва мантиқан бояд ҷораҳои ҷавобгарии интизомӣ андешида шаванд.

**САВОЛ Кадом ҷораҳои ҷазои маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд?**

**ҶАВОБ** Мутобиқи моддаи 36 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ҷораҳои зерини ҷазои маъмурӣ муқаррар ва татбиқ мешаванд:

- Огоҳӣ;
- Ҷаримаи маъмурӣ;
- Қатъи маъмурии амали литсензия барои баъзе намудҳои фаъолият;
- Маҳрум кардан аз литсензия барои амалӣ намудани баъзе намудҳои фаъолият;
- Маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус;
- Қатъи маъмурии намуди муайяни фаъолият;
- Мусодираи маҷбурии ашёи, ки олоти содиршавӣ ё объекти мустақими ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад;

**САВОЛ Дар Кодекс «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» пешбинӣ шудааст, ки ба сифати ҷораҳои ҷазо барои ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ мешавад, ки аз рӯи нишондодҳо барои ҳисобот ҳисоб карда мешаванд. Як нишондод барои ҳисобот ба чанд баробар аст?**

**ҶАВОБ** Ҳақиқатан яке аз ҷораҳои татбиқи ҷазои маъмурӣ ҷаримаи маъмурӣ ба ҳисоб меравад, ки андозаи он дар нишондод барои ҳисобот ҳисоб карда мешавад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондод барои ҳисобот» № 350 аз 5.01. с.

2008 нишондод барои ҳисоби андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳо ва ҷазоҳои ҷаримавӣ ба андозаи ҳади ақали музди меҳнат баробар аст. Қонуни мазкур аз 1 июли соли 2008 амал менамояд. Ба ин тартиб, аз 1 июли соли 2008 як нишондод барои ҳисобот имрӯз ба 35 сомонӣ баробар аст.

**САВОЛ Кадом намуди ҷазоҳо барои содир кардани ҷиноятҳо метавонанд татбиқ шаванд?**

**ҶАВОБ** Намудҳои ҷазо барои содир кардани ҷиноятҳо дар моддаи 47 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ ва номбар мешаванд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- Ҷарима; (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)
- Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё фаъолияти муайян; (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)
- Маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо унвонҳо махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон; (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)
- Корҳои (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)
- Корҳои ислоҳӣ;
- Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;
- Маҳдуд кардани озодӣ;
- Нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ;
- Мусодираи амвол;
- Аз озодӣ маҳрум кардан;
- Якумра аз озодӣ маҳрум кардан; (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)
- Ҷазои қатл. (Қонун № 451 аз 31.12. с.08)

**САВОЛ Дар кадом андоза ба ҳолати то имрӯз андоз аз фурӯши чакана гирифта мешавад?**

**ҶАВОБ** Пардохткунандагони андоз аз фурӯши чакана соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки фурӯши чаканаи молҳоро амалӣ менамоянд. Заминаи андоз аз нархи чаканаи молҳо иборат мебошад. Дар ин ҳолат нархи фурӯши чаканаи молҳо ба асоси кассавӣ вобаста аз нархҳои (бозоргонӣ) озод, ки шомили ҳамаи андозҳо мебошанд, аз ҷумла андоз аз нархи иловагӣ ва аксизҳо аз рӯи молҳои зераксизӣ, вале бо ба назар нагирифтани андоз аз фурӯши чакана муайян карда мешавад.

Меъёри андоз дар ҳаҷми 3 фоиз аз нархҳои бозорӣ муқаррар мешавад ва нархи чаканаи мол бошад нархи бозории он мебошад, ки ба ҳосили ҷамъи андоз зиёд карда шудааст.

**САВОЛ Кадом андоза барои пардохти андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муқаррар карда шудааст?**

**ҶАВОБ**. Маблағи андози ягона ҳамчун ҳосили зарби масоҳати заминҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба меъёри муқарраршудаи андози ягона муайян карда мешавад.

Меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои ҳар як гектар замин барои соли тақвимӣ дар андозаҳои зерин (сомонӣ) муқаррар карда мешаванд:

| | Намуди замини (корам) Номгӯи минтақаи кадастрӣ: | Заминҳои корам: обёришаванда: Обёришавандаи табиӣ | Заминҳои корам: обёришаванда: Обёришавандаи мошинӣ | Заминҳои корам: лалмӣ | Ниҳолҳои бисёрсола: обёришаванда: Обёришавандаи табиӣ | Ниҳолҳои бисёрсола: обёришаванда: Обёришавандаи мошинӣ | Ниҳолҳои бисёрсола: лалмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Суғд, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳистон | 120<br>104 | 88<br>80 | 7<br>10 | 140<br>112 | 100<br>88 | 8<br>10 |
| 2 | Ҳисор, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳистон | 128<br>100 | 88<br>72 | 8<br>9 | 140<br>108 | 100<br>84 | 10<br>13 |
| 3 | Рашт | 104 | 80 | 10 | 112 | 88 | 15 |
| 4 | Кулоб, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳистон | 132<br>100 | 88<br>80 | 9<br>10 | 140<br>108 | 100<br>84 | 7<br>10 |
| 5 | Вахш, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳистон | 140<br>120 | 104<br>88 | 6<br>9 | 164<br>140 | 112<br>92 | 6<br>8 |
| 6 | ВМКБ (ба истисноӣ минтақаи Мурғоб) | 36 | 24 | 4 | 40 | 27 | 3 |



# ҲАМА КОР ВАҚТРО ТАҚОЗО МЕКУНАД

**ДАВЛАТШОЕВ ШИРИНБЕК**
*Ҳуқуқшинос – мутахассис*

**Дар чанд шумораи маҷаллаи «Инъикос» қайд карда будем, ки ТҶБ «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» муддати 6 моҳ барои амалӣ намудани лоиҳаи «Ҳокимият барои халқ. Идоракунӣ ба манфиати гурӯҳҳои осебпазир», ки аз ҷониби Вазорати инкишофи байналхалқии (DFID) Ҳукумати Британиёи Кабир дастгирӣ мешавад дар ноҳияи Мӯъминобод корҳои зиёдеро ба сомон расонда буд.**

**Баъди гузаронидани тренингҳо бо фаъолони аҳолӣ, депутатҳои ҷамоатҳо ва раисони маҳалла, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар мувофиқа ва бо дастгирии Ҳукумат дар маркази ноҳия Қабулгоҳи ҷамъиятӣ ташкил карда шуд. Ташкили Қабулгоҳи ҷамъиятӣ талаботи асосии лоиҳа аст . Ба ҳайати ин қабулгоҳ иштирокчиёни фаъоли тренинг, ки дар кори қабулгоҳ бо хоҳиши худ иштирок карданро доштанд, интихоб гардиданд.**

Муддати чанд моҳ аст, ки қабулгоҳ фаъолият менамояд. Пешрафт бе мушкилӣ нест. Новобаста аз он, ки дар матбуоти ноҳия, ҷамоатҳо, бозор ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ оиди кушодашавии қабулгоҳ эълон шуда буд, аввал мушкилии кор дар он буд, ки аҳолӣ аз ин имкониятҳо кам истифода мебурданд, Албатта яку якбора мардум ба моҳияти ин қабулгоҳ сарфаҳм намераванд, барои ин вақт лозим аст. Вале оҳиста - оҳиста мардум огоҳӣ ёфта, ин қабулгоҳро ҳамчун маркази иттилоотию дастгирии ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Хатто сокини ҷамоати «Балхобӣ»-и деҳаи Тебалай зани солхурда Хурумува Инна Германовна, ки тахминан дар масофаи 50 км дуртар аз маркази ноҳияи Мӯъминобод зиндагӣ мекунад аз фаъоляти қабулгоҳ огоҳӣ ёфта. ба он ҷо муроҷиат намудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сокинони ноҳия аллакай аз фаъоляти қабулгоҳ огоҳӣ пайдо кардаанд. Ин зани солхурда, ки тамоми умрашро дар донишгоҳҳои мухталифи иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла шаҳри Кулоб ба тарбияи насли наврас сарф кардааст, аз сабаби гум кардани ҳуҷҷатҳо дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ аз ҳуқуқи гирифтани нафақа маҳрум шудааст. Аз тарафи волонтёрони қабулгоҳ дар асоси қонунгузории ҶТ ба аризаи Хурумува Инна Германовна ҷавоб гардонда шуда буд. Инчунин ариза оиди бахшиши ҷазои писараш, ки ҳоло дар маҳбасхонаи № 6 ш. Душанбе адои ҷазо мекунад аз тарафи волонтёрон тартиб дода шуда, ба таври ройгон аз тарафи ТҶБ «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ расонида шуд. Барои ба чунин натиҷаҳо ноил шудан кор



он қадар осон набуд. Бо гузашти вақт, рафъи монеъаҳои сади кор, мо тавонистем чунин намунаҳои кори худро зиёд намоем. Бори дигар хотиррасон менамоям, ки қабулгоҳ ба таври ройгон фаъолият менамояд.

Намунаи чунин мисолҳо бисёранд. Дар баробари додани машваратҳои ҳуқуқӣ ё тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ волонтёрон кӯшиш менамоянд он нофаҳмоиҳое, ки байни оилаҳо ё ҳамсояхо ба вуҷуд меоянд бе дахолати мақомоти давлатӣ тарафҳоро ба созиш оварда, низои байни онҳоро дар ҷои ҳодиса ҳал намоянд.

## АЗ ТАҶРИБАИ ШАХСӢ

Бо мақсади санҷиши фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ рӯзи 16 апрел вохӯрӣ бо волонтёрон баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ рафти фаъолияти семоҳаи қабулгоҳ мавриди санҷиш қарор гирифт. Аз натиҷаи санҷиш маълум гардид, ки фаъолияти қабулгоҳ бе натиҷа набуда, мардум аз он оҳиста - оҳиста истифода мебаранд.

Волонтёри фаъоли қабулгоҳ ва сокини бообрӯи ноҳия Раҷабова Гулчеҳра яке аз дастовардҳои беҳтарин ва диқатҷалбкунандаи қабулгоҳро ба мо пешниҳод намуд. Суханҳо аз даҳони худи Гулчеҳра Раҷабова.



*Раҷабова Гулчеҳра 6 сентиябри соли 1960 дар ҷамоати «Шаҳрак»-и ноҳияи Мӯъминобод таваллуд ёфтааст. Соли 1978 мактаби №2 ба номи В.И. Ленини ноҳияи номбурдаро хатм намуд. Баъди хатми мактаби номбурда ба техникуми кооперативии ш.Душанбе дохил шуд.*

*Баъди хатми техникуми кооперативӣ дар шӯъбаи коргузории Прокуратураи ноҳияи Мӯъминобод ба кор даромад. Муддати 25 сол дар мақомоти номбурда фаъолият намуд. Ҳоло бошад фаъоляти меҳнатиашро дар Хукумати ноҳия ба ҳайси мутахассиси шӯъбаи Ёрии иҷтимоӣ давом дода истодааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд.*

Рӯзи 23 январи соли равон Бобоев Ғафур, сокини ҷамоати «Шаҳрак»-и ноҳияи Мӯъминобод ба ман муроҷиат намуда, илтимос кард, ки ба ӯ барои тартиб додани ариза ба мақомоти судӣ оиди ҷудо шудан аз ҳамсараш мусоидат намоянд. Раҷабова Гулчеҳра тасмим гирифт, ки кори онҳо ба мақомоти судӣ нарасад, мехост ин низои оилавиро худаш холисона ва беғаразона ҳал намоянд. Ин насли ҷавон ҳамаги як солу се моҳ зиндагӣ кардаанду халос. Раҷабова Гулчеҳра падару модари ҳарду тарафро даъват кард ва бо онҳо дар ҳузури фарзандонаш сӯҳбат намуд. Аз ҷараёни кор маълум гардид, ки падару модари тарафайн низ аз ин кори фарзандон огоҳӣ надоранд. Азбаски онҳо фарзанд надоштанд кор бе дахолати мақомоти давлатӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Раҷабова Гулчеҳра дар баррасии масъала вакили ҷамоатро даъват намуд. Онҳо як чанд бор кӯшиш ба харҷ доданд то онҳоро ба ҳам оранд, лекин ҳамааш бе натиҷа анҷом ёфт. Дар натиҷа моликияти онҳо бо розигии ҳар ду тараф дар ҳузури вакили ҷамоат ва раиси маҳалла аз тарафи Раҷабова Гулчеҳра тақсим карда шуд. Сабаби ҷудошавиро ҳамсарон дар мувофиқ наомадани хислати хамдигар маънидод намуданд. Шояд бо гузашти айём ҳамсарони ҷавон камбудиҳои худро дарк намуда, зиндагии якҷояро аз нав оғоз намоянд. Ҷавонони азиз, бунёди оила кори саҳл нест, лекин вайрон кардани он кори як соата аст. Оилаи солим пояи миллату давлат аст.

Аз ин маълум мешавад, ки аҳолии ноҳия Қабулгоҳи ҷамъиятиро ҳамчун маркази иттилоотию дастгирии ҳуқуқӣ истифода бурда, барои ҳалли мушкилоти худ аз он самаранок истифода мебаранд.

# МАШВАРАТИ ҲУҚУҚӢ

***Дар маҷаллаи №3 мо дар охир дар бахши имтиёзҳои таъмини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ба шумо маълумот дода будем. Дар охир қайд намуда будем, ки дар дигар ҳолатҳо нафақаи нопурраи суғуртавӣ таъмин карда мешавад. Ҳолати таъмини нафақаи суғуртавии нопурра чунин аст:***

***Нафақаи суғуртавии нопурра ба шахсоне, ки ба гирифтани нафақаи пурраи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд, вале дар маҷмӯъ собиқаи суғуртавии пардохтшудаи на камтар аз 60-моҳа доранд, таъин карда мешавад.Нафақаи суғуртавии нопурра ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ мутобиқи Қонун таъин ва пардохт карда мешавад.***

**САВОЛ : МАН САРОБОНИ ОИЛААМРО АЗ ДАСТ ДОДАМ, ОЁ МАН БА НАФАҚАИ СУҒУРТАВИИ ДАВЛАТӢ ҲУҚУҚ ДОРАМ?**

**Ҷавоб :** Ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аъзои ғайриқобили меҳнати оилаи саробони фавтида, ки таъминоти оила ба дӯши ӯ буд , ҳуқуқ доранд. Оилаи саробони бе ному нишон гумшуда ба оилаи саробонаш фавтида баробар дониста мешавад, ба шарте, ки бе номунишон гум шудани саробон бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда бошад.

**САВОЛ : МАРҲАМАТ КАРДА ГӮЕД БА АЪЗОИ ОИЛАҲОИ ҒАЙРИҚОБИЛИ МЕҲНАТ, КИ САРОБОНРО АЗ ДАСТ ДОДААНД, КИҲО ДОХИЛ МЕШАВАНД?**

**Ҷавоб :** Мувофиқи банди 2 моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 595 аз 12 январи соли 2010 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба ин аъзоҳо гурӯҳи зайл дохил мешавад;

- фарзандон, бародарон, хоҳарон ва наберагони ноболиғе, ки падару модари қобили меҳнат надоранд ва дар шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои таълимии тамоми намудҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба истиснои муассисаҳои таълимии маълумоти иловагӣ таҳсил менамоянд, то анҷом додани таҳсил, аммо на калонтар аз синни 23 ё калонтар аз ин синну сол, агар онҳо то расидан ба синни 18 маъюб гардида бошанд;
- яке аз падару модар, бобо ё бибии саробони фавтида, новобаста ба синну сол ва қобилияти меҳнатӣ, инчунин бародар, хоҳар ё фарзанди саробони фавтида, ки ба синни 18 расидааст, ба шарте, ки онҳо фарзандон, бародарон, хоҳарон ё наберагони ба синни 14 нарасидаи саробони фавтидаро нигоҳубинӣ кунанд, ба гирифтани нафақаи суғуртавӣ аз рӯи махрум шудан аз саробон ҳуқуқ доранд;
- падару модар ва ҳамсари саробони фавтида, ки ба синни муқарраргардидаи қонун, яъне барои мардҳо ҳангоми расидан ба синни 63 ва барои занҳо ҳангоми расидан ба синни 58 солагӣ ё маъюб мебошанд, ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ **надошта бошанд;**
- бобо ва бибии саробони фавтида, ки ба синни нафақа расида, нафақаи суғуртавӣ намегиранд ё маъюб мебошанд ва шахси тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҳикистон онҳоро таъмин кунанда надоранд;
- аъзои оилаи саробони фавтида, ки кӯмаки ӯ барои онҳо доимӣ ва манбаи асосии рӯзгузаронӣ буд, вале худашон ҳам ягон намуди нафақа мегирифтанд, ҳуқуқ доранд, ки ба нафақа аз рӯи махрум шудан аз саробон гузаранд;
- фарзандхондагон дар баробари падару модар ва ба фарзандӣ қабулшудагон дар баробари фарзандон ҳамчунин ба гирифтани нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ доранд. Фарзандони ноболиғ, ки аз рӯи маҳрум шудан аз саробон нафақа мегиранд, дар ҳолати ба фарзандӣ қабул шуданашон низ аз ин ҳуқуқ бенасиб намегарданд.

**САВОЛ: ОЁ МАБЛАҒ БАРОИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАИ НАФАҚАВӢ АЗ БУҶАИ ДАВЛАТ ҶУДО КАРДА МЕШАВАД?**

**Ҷавоб:** Қонунгузории ҶТ чунин манбаҳоро барои пардохти нафақаи суғуртавӣ муаян кардааст:

• қисми заминавии нафақа - аз маблағи буҷети давлат;

• қисми суғуртавии нафақа - аз маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;

• қисми захиравӣ - аз маблағи дар суратҳисоби захиравии инфиродӣ мавҷудбуда;

Маблағи пардохти қисми суғуртавии нафақа аз ин ҳисоб ташаккул меёбад:

• саҳми нафақавие, ки суғуртакунандагон барои шахсони суғурташуда пардохт кардаанд;

• маблағи саҳмияи суғуртаи нафақавие, ки худи шахсони суғурташуда пардохт намудаанд.



**САВОЛ : ХУБ МЕШУД, АГАР ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ТАСДИҚИ СОБИҚАИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ МАЪЛУМОТ МЕДОДЕД?**

**Ҷавоб** : Қонунгузории ҶТ чунин тартиби тасдиқи собиқаро барои нафақаи суғуртавӣ муайян кардааст. Ҳуҷҷати асосии тасдиққунандаи собиқаи суғуртавӣ дар давраи фаъолияти меҳнатӣ то 1 январи соли 2011 дафтарчаи меҳнатии шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи суғуртавӣ баъди 1 январи соли 2011 маълумоти мақомоти ваколатдори суғуртаи давлатии нафақавии дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии инфиродии корманд таҳиягардида маҳсуб меёбад.

Бо мақсади таъини нафақаи суғуртавӣ шаҳрванд дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи аслӣ) ва маълумотномаеро, ки корфармо (суғуртакунанда) дар бораи даромадҳои пардохт гардида ба шахси суғурташуда дар давраи суғуртавӣ додааст, инчунин ҳуҷҷати ҳамчун шахси суғурташуда ба қайд гирифташудааш ва маълумотномаро аз суратҳисоби инфиродии захиравӣ пешниҳод мекунад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҳикистон, ки дар давраи аз 1 январи соли 1999 то 1 январи соли 2011 ҳуҷҷатҳои боэътимоди тасдиққунандаи пардохти саҳмияи суғуртавӣ дар ин давра доранд, аммо фаъолияти кории онҳо дар дафтарчаи меҳнатӣ қайд нагардидааст, метавонанд барои ворид намудан ба собиқаи суғуртавӣ онҳоро пешниҳод намоянд.

**САВОЛ : АНДОЗАИ ҲИСОБИ НАФАҚА АЗ РӮИ МАЪЮБӢ ЧӢ ҚАДАР АСТ?**

**Ҷавоб** : Андозаи ҳисоби нафақаро аз рӯи маъюбӣ қонунгузорӣ чунин муайян намудааст. Қисми заминавии нафақа аз рӯи маъюбӣ вобаста ба гурӯҳи маъюбӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

• ба маъюбони гурӯҳи I - ба андозаи 200 фоизи нафақаи заминавии муқарраргардида;

• ба маъюбони гурӯҳи II - ба андозаи 150 фоизи нафақаи заминавии муқарраргардида;

• ба маъюбони гурӯҳи III - ба андозаи 120 фоизи нафақаи заминавии муқарраргардида.

**САВОЛ : ҲИСОБИ АНДОЗАҲОИ НАФАҚА АЗ РӮИ МАҲРУМ ШУДАН АЗ САРОБОН ЧӢ ГУНА АСТ?**

**Ҷавоб** : Барои дар як узви оилаи бе саробонмонда, ки ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, нафақаи иборат аз қисмҳои зерин таъин карда мешавад:

• нафақаи заминавӣ;

• қисми нафақаи суғуртавӣ.

Қисми нафақаи суғуртавӣ бо ҳиссаи баробар (вобаста ба теъдоди аъзои оила, ки талаби гирифтани нафақаро доранд) аз нафақаи суғуртавӣ, ки саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дошт, ҳисоб карда мешавад. Қисми нафақаи суғуртавии ятимони бекас аз ҳисоби нафақаи суғуртавие, ки ҳар ду саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ доштанд, ҳисоб карда мешавад.

**Таҳияи Ш. Давлатшоев**

# МУХАДДИРОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

**«Ҳар касе мехоҳад дар як рӯз сарватманд шавад, зарфи як сол овехта мешавад».**
*Леонардо да Винчӣ*

Бар ин назар набудам, ки як мақолаи дунболадоре таҳ ия шавад. Ҳадаф он буд, ки аз вазъи мубориза бо мухаддирот дар Тоҷикистон дар соли гузашта чизе рӯи коғаз ояд. Зеро чун ба далоили гирдомада менигарам ва пеши назар меорам, ки аз ин грамму килоҳои мусодирашуда дар шакли тоннаҳоғарами маводи маргбор ба коми оташ мераванд, азамати хатар пеши назарам меояд. Хатаре, ки марги инсонҳоро дар панҷа дорад, хатаре, ки ҷон гудозу хонумонсӯз аст.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои саргарм ба мубориза бо мухаддироти Тоҷикистон хизматҳои арзишмандеро дар кашфу маҳви маводи мухаддир анҷом медиҳанд, ки мутаассифона, на ҳама аз ҷузъиёти он огоҳанд. Мусодираи ин миқдор маводи нашъаовар ба маънои он аст, ки на як ва на сад, балки миллионҳ о нафар дар сар то сари ҷ аҳ он аз хатари гирифторӣ ба нашъамандӣ наҷ от ёбанд, садҳ о ҳ азор тани дигар ҷони худро аз марги иҷборӣ раҳо кунанд. Ҳудудан 33 тонна героине, ки зарфи 11 соли охир аз муомилоти ғайриқонунӣ дар Тоҷикистон мусодира шудааст, бештар аз 147 миллион меъёри истеъмол мешавад, ки ин наҷ оти беш аз 10 миллион нафар аз хатари нашъамандӣ дар Сайёра аст. Пас метавон гуфт, ки кормандони мақомоти ҳ ифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳ ри наҷоти миллионҳ о тан ба муқобили мудҳиштарин хатари башарӣ сина сипар мекунанд. Соли гузашта низ маҳз чунин буд.



**Таҳ лилҳ о гувоҳанд...**

Аз соли 2000 ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир рӯ ба коҳ иш оварда буданд, вале омори соли гузашта ба он нукта ишора дорад, ки ин навъи ҷ иноятҳо ба болоравии ноаёне майл кардаанд. Масалан соли 2007 ҷ иноятҳ ои мухаддиротӣ 6,3% ҷ иноятҳ ои содиршударо ташкил медоданд, соли 2008 5,8% ва соли 2009 ин рақам ба 6,4% расид.

Ҳамзамон бо ин дар сохтори ҷиноятҳои ба қайдгирифташуда вазни хоси ҷ иноёти мухаддиротӣ тибқи моддаи 200 КҶ ҶТ (муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар бо мақсади фурӯш) 23,3%, мувофиқи моддаи 201 КҶ Ҷ Т (муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар бе мақсади фурӯш) 14,3% афзуд, аммо ҷиноятҳои содиршуда бо моддаи 204 КҶ ҶТ (кишти ғайриқонунии растаниҳои нашъаовар) 46,6% коҳиш ёфт.

Соли гузашта низ ҷиноятҳои вобаста ба кишт ва парвариши зироатҳ ои нашъаовар рӯ ба коҳиш оварда буд.

**БЕКОРОН ҲАМОНО ЗИЁД БОЗДОШТ МЕШАВАНД**

Тибқи омори Маркази таҳ лилии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли гузашта афроди аз сисола боло бештар аз дигарон даст ба



барояшон хонда шудааст, касоне будаанд, ки пештар ҳам доғи судӣ доштаанд. Аммо дар ин омор афроде, ки бо ташхиси «нашъамандӣ» аз озодӣ маҳрум шудаанд, аз 15,5 % - и соли 2008 то 7,7 % дар соли 2009 коҳиш ёфтааст.

**Мусодира коҳ иш ёфт. Чаро?**

Соли гузашта мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 4 571, 604 кило маводи мухаддир мусодира намуданд, ки ин дар қиёс ба соли 2008 24,7 % коҳиш дошт. Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноят маводи мухаддир задаанд (72,7%), ҷавонони то сисола 27,7% ин навъи ҷиноятҳоро содир кардаанд. Чун дар солҳои қабл 96% ҷиноятҳои мухаддиротӣ аз ҷониби афроди бекор ва бозмонда аз таҳсил сурат гирифтааст. Заноне, ки даст ба ҷинояти вобаста ба маводи нашъадор задаанд, 6%-ро ташкил медиҳанд.



Соли гузашта ба ҷумлаи касоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, теъдоди сокинони вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ афзуд. Дар ҷумлаи маҳкумшудагон бошад, сокинони пойтахти ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд бартарӣ доштанд.

Аз таҳлили омори судӣ бармеояд, ки аз ҷумлаи маҳкумшудагон барои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар 51,4%-ро шахсони бекор ва бозмонда аз таҳсил ва 5,8% - ро занон ташкил медиҳанд. 25,5% шахсоне, ки ҳукми суд иняткорӣ аз чор омили коҳиши забти мухаддирот ном мебарад: фаъол гардидани мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Афғонистон дар вилоятҳои ҳаммарз бо Тоҷикистон, 22% кам шуда, ҳаҷми кишти кӯкнор дар Афғонистони ҳамсоя, 10% коҳиш пайдо кардани истеҳсоли афюн ва арзиши он назар ба солҳои пеш.

Зарфи чанд соли охир мошоҳиди афзоиши мусодираи маводи мухаддири гурӯҳи каннабис ҳастем ва соли гузашта забти қисмати бештари ин навъи мухаддирот дар ноҳияҳои ҳаммарз бо Афғонистони вилояти Хатлон ва ВМКБ ба мушоҳида расидааст.

Оид ба сатҳи кишти каннабис дар Афғонистон маълумоти расмӣ вуҷуд надорад. Ҳамзамон таҳлили ахбори фаврии воридшуда ва миқдори мусодираи маводи мухаддири гурӯҳи каннабис нишон дод, ки вилояти Бадахшон аз ҷумлаи он қаламрави Афғонистон аст, ки дар он кишти бангдона бештар ба қайд гирифта шудааст. Парвариши мухаддироти гурӯҳи каннабис дар муқоиса ба кӯкнор масрафоти зиёд надорад ва гувоҳи ин афзоиши ҳаҷми қочоқи маводи нашъадори ин гурӯҳ мебошад..

Чун пештара навъи асосии мухаддироте, ки дар Тоҷикистон мусодира мешавад, маводи нашъадори мансуб ба гурӯҳи афюн мебошад. Ҳарчанд, ки соли гузашта ҳаҷми мусодираи он 40,3 % коҳиш ёфта буд (соли 2008 – 1745,095 кило, соли 2009 – 1040,563 кило). Соли гузашта 36,5% маводи мухаддир дар навоҳии ҳаммарз бо Афғонистон мусодира шудааст, ки 65% онро афюн ташкил медиҳад. Аммо мусодираи героин аз 48% дар соли 2008, то 52% дар соли 2009 афзоиш ёфт. Дар Осиёи Марказӣ аз соли 2007 сар карда, коҳиши босуботи мусодираи афюн ва афзоиши ҳиссаи героини забтшуда мушоҳида мешавад.

**Омилҳои афзоиши содироти героин**

Дар ин иртибот ба мусодираи героин аз муомилоти ғайриқонунӣ метавон аз ин омилҳои афзоиш ном бурд: дар пасманзараи коҳиши кишт ва истеҳсоли афюн назар ба соли 2008 15% афзудани ҳосилнокии кӯкнор дар Афғонистон; дар вилоятҳои шимолу-шарқии Афғонистон мавҷуд будани беш аз 34 лабораторияи тавлиди мухаддирот; арзиши пасти афюн дар қисматҳои Шимолӣ ва Шимолу Шарқии Афғонистон, ки ба афзоиши истеҳсоли героин мусоидат кардааст.

**Роҳ ҳ о ба куҷо мебаранд?**

Тибқи тозатарин маълумот, ки Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷ инояткорӣ пешкаш мекунад, маводи мухаддири тавлиди Афғонистон ба қаламрави Тоҷикистон бо ин роҳҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва мамолики Аврупо интиқол меёбад:

· **Тоҷикистон** (ноҳияҳои Турсунзода, Рӯдакӣ) - **озбекистон** (вилояти Сурхандарё) - **Қазоқистон** - **Россия**;

· **Тоҷикистон** (вилояти Суғд) - **озбекистон** (вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах, Сирдарё) - **Қазоқистон - Россия**;

· **Тоҷикистон** (вилояти Суғд) -**озбекистон** (вилоятҳои Тошкент, Фарғона) - дигар минтақаҳои ИДМ;

· **Тоҷикистон** (ВМКБ) **- Қирғизистон** (вилояти Ош) - **Қазоқистон - Россия**;

**Тоҷикистон** (вилояти Суғд) - **Қирғизистон** (вилоятҳои Боткен ва Ош); **озбекистон** (водии Фарғона) - **Қазоқистон - Россия**.

**Қимматҳо болову поён мешаванд**

Арзиши ҳар грамм маводи мухаддир вобаста ба шароит, вақту замон ва макони тавлид, интиқол ва фурӯши он гарон ва арзон мешавад. Бозорҳои ғайриқонунии тиҷ орати маводи нашъаовар низ принсипи маъмулан эътирофшудаи «бардорад зам кун, набардорад кам кун» - ро риоя мекунанд. Нархи бозори дохилӣ аз хати интиқол, масофаи тайшуда ва мушкилоти қочоқ вобаста аст.

Тибқи арзёбии мутахассисон соли гузашта қиммати фурӯши героин дар пойтахти кишвар ва навоҳ ии вилояти Хатлон амалан тағйир наёфт, вале дар ВМКБ ва вилояти Суғд коҳиши чашмгири он ба мушоҳида расид.

**Коҳ иши боздошти афрод дар хориҷ аз кишвар**

Як мушкиле, ки муҳоҷирони кории тоҷик дар Русия доранд, ба маводи мухаддир иртибот мегирад. Дар аксар маврид шаҳрвандони кишвари моро ба интиқоли ғайриқонунии мухаддирот муттаҳ ам медонанд. Гӯё тоҷ икон дар ин мамлакат коре ба ҷуз интиқолу тиҷорати мухаддирот надоранд. Барои бадномсозии ҳаммиллатони мо гурӯҳҳои манфиатҷӯ аз тамоми минбарҳ о, рӯзномаву маҷаллаҳо, воситаҳ ои ахбори электронӣ ва радиову телевизион истифода мебаранд.

Мувофиқи маълумоти расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ИДМ тӯли солҳои охир коҳиши босуботи боздошти шаҳрвандони Тоҷикистон ба ҷурми ширкат дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар қаламрави онҳо ба мушоҳида мерасад. Масалан, агар соли 2000 дар мамолики ИДМ 1792 нафар ҳаммиллатони мо барои ширкат дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир боздошт шуда бошад, пас ин рақам бо гузашти ҳар сол пайваста кам мешуд. Чунончӣ, соли 2001 дар хориҷ аз Тоҷикистон 1070, соли 2002 - 904, соли 2003 - 593 нафар шаҳ рвандони кишвари мо бо гуноҳи тиҷорат ва ё интиқоли мухаддирот боздошт шуда буданд. Ва ҳамин коҳиш то соли гузашта идома дошт. Тибқи омори маркази таҳлилии Агентӣ соли 2009 дар кишварҳои ИДМ ҳамагӣ 352 нафар ҳамватанони мо ба ҷурми содир кардани ҷиноятҳ ои мухаддиротӣ боздошт шудаанд, ки дар қиёс ба соли 2000 1440 нафар, ё худ 80,4% коҳиш доштааст.

Тибқи омори ёдшуда 58% боздоштшудагон афроди 30 - 49 сола мебошанд ва аз онҳо дар маҷмӯъ 819,491 кило маводи мухаддир мусодира шудааст. Чун дар оморҳ ои дигар дар шумори умумии боздоштшудагон дар хориҷ аз кишвар касоне, ки шуғли доимӣ надоранд ва дар ҷое таҳсил ҳам намекунанд, афзалият доштанд. Аксари ин афрод шахсоне мебошанд, ки қобилияти хуби корӣ доранд ва омилҳ ое, ки ишонро водор кардааст ба чунин ҷиноятҳо даст зананд, надоштани ҷои

кор, сатҳи пасти зиндагии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ барои дарёфти маблағи рӯзгузаронӣ дониста мешавад. Иддае ҳатто дар Русия бинобар пайдо накардани кори муносиб бо гурӯҳҳои мафиёзии тиҷорати маводи мухаддир мепайванданд.

Соли гузашта дар хориҷ аз кишвар 18 нафар занон низ ба ҳамин гуноҳ дастгир шудаанд, ки синну соли аксари онҳ о 30-49 сола буда, бештар сокинони вилояти Суғд мебошанд. Аммо мухаддироти аз онҳо кашф ва забтшуда назар ба соли гузашта ба андозаи 56% коҳиш ёфтааст. Маврид ба таъкид аст, ки дар шумори умумии боздоштшудагон барои ширкат дар муомилоти ғайриқонунӣ сокинони вилояти Суғд бештаранд.

**Амалиётиҳои муштарак самаровартаранд**

Аммо мубориза бо маводи мухаддар низ бидуни иқдомоти муштарак натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Бахусус, дар як замоне, ки олами ҷиноят мекӯшад муттаҳидона амал намояд ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъадор трансмиллӣ ва байналмилалӣ мешаванд, хадамоти махсус низ бояд бо ҳамоҳангии якдигар кор кунанд то тавонанд ба муқобили чунин гурӯҳҳо устуворона мубориза баранд. Олам олами мубориза аст ва дар он танҳо касе дасти боло хоҳад дошт, ки бо нерӯи муташаккил муқовимат мекунад. Ин воқеияти ҳаётӣ бояд қобили дарк бошад ва роҳбарияти Агентӣ бо таваҷҷӯҳ ба самаранокии муборизаи муташаккил ва ҳамоҳанг бо он бархӯрд намуда, ҳамкориҳо дар мубориза бо маводи нашъаоварро дар ду самт муваффақиятнок арзёбӣ мекунад. Яке ҳамкорӣ бо хадамоти махсуси дохили кишвар, ки бо мусодираи маводи нашъадор дар дохили хоки Тоҷикистон ва боздошт афроди гумонбар ба муомилоти ғайриқонунӣ маҳдуд мешавад ва дигар бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии хориҷ аз мамлакат мебошад. Пӯшида нест, ки муштариёни аслии героини Афғонистон дар Аврупо иқомат доранд ва ҳадафи нашъаҷ аллобон танҳо истифодаи масири Тоҷикистон ва дигар кишварҳ ои Осиёи Марказӣ барои расонидани бори худ ба давлатҳ ои Аврупост. Табиист, ки ин роҳ и дурударозро фаразан як нафар аз Тоҷикистон ё Қирғизистон наметавонад тани танҳ о тай кунад ва барои ин вай ба кӯмаки гурӯҳ ҳои дигари ҷиноӣ ниёз дорад. Дар натитҷа гурӯҳҳои муташаккили байналмиллалӣ созмон дода мешаванд, ки ҳар кадом ҳиссаи худро аз ин тиҷорат соҳиб мешавад. Ин ва боз омилҳои дигар сабаб мешаванд, ки нерӯҳои интизомӣ дар баргузории амалиётҳо бештар муштаракан амал кунанд.

Соли 2009 бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон 43 амалиёти якҷ оя бо хадамоти махсуси кишварҳои ИДМ ва Афғонистон, аз ҷумла 14 амалиёти байналмилалӣ бо истифода аз усули «ирсоли назоратшаванда» гузаронида шуд. Мутобиқи созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷ икистон ба тартиби расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба сохторҳои салоҳиятдори кишварҳои ИДМ бештар аз 300 дархости хадамоти фавриро вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар иҷ ро карданд. Соли гузашта 31% аз миқдори умумии мухаддироти афюние, ки дар қаламрави ИДМ ва 42% дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мусодира шуд, ҳиссаи Тоҷикистон буд.

Гузашта аз ин Тоҷикистон ҳампаймон дар баргузории чандин амалиётҳои муштараки байналмилалист, ки амалиёти «Канал» яке аз онҳост. Амалиёти мазкур аз соли 2003 мутобиқи қарори сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷ амъӣ (СААД) гузаронида мешавад ва дар он Арманистон, Беларусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷ икистон, Ӯзбекистон шомил буда, кишварҳ ое чун Озарбойҷон, Афғонистон, Булғористон, Боливия, Олмон, Эрон, Испания, Италия, Чин, Колумбия, Латвия, Литва, Маҷ ористон, Туркия, Покистон, Лаҳистон, ИМА, Финляндия, Эстония чун нозир ширкат менамоянд.

Аз соли 2003 то соли 2009 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалиёти «Канал» 220 ҷ иноятҳи вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро ошкор ва 4 тоннаву 185 килову 668 гр. Мухаддирот мусодира

намуданд, ки бештар аз 1 тоннаю 569 килои онро героин ташкил медиҳ ад.

**Тозакориҳо дар бозори ҷиноии мухаддирот**

Муҳимтарин ва ҷолибтарин чизе, ки дар интиқол ва тиҷорати моводи мухаддир ба чашм мехӯрад, аз сол ба соли дигар тағйирёбии роҳу шеваҳои интиқоли он аз маконе ба макони дигар мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти дар ин замина баргузоршуда нишон медиҳад, ки қочоқчиён пайваста дар талоши онанд, ки усулҳои интиқолро такмил диҳанд, то аз чашми нозирон раҳ о ёбанд. Аммо ин на ҳамеша барояшон даст медиҳ ад. Дар олам сирре нст, ки билохира ошкор нашавад. Аз ҷумла соли гузашта низ як ришта боздоштҳое буданд, ки шеваи нави интиқол истифода шуда буд. Масалан, ҷома ё либоси дигарро дар маҳлули героин тар карда, онро хушконида чун воситаи интиқол истифода бурданд. Масалан, либосро дар героини маҳлулкардашуда тар мекунанд, сипас онро хушконида, то ҷои ваъдагӣ интиқол медиҳанд ва дар он ҷо низ дубора ҷомаро тар мекунанд ва героини қабат ба қабат ҷо ба ҷошударо аз он хориҷ менамоянд. Маҳлули аз ҷома ба зарф рехташуда муддати дурудароз ҷӯшонида мешавад, то замоне, ки оби дохилаш комилан бухор мегардад ва дар зери зарф героин боқӣ мемонад. Шигифтовар он аст, ки бино ба гуфтаи мутахассисон хока таъсири химиявии худро аслан гум намекунад. Мавридиҳои дигаре ҳам буданд, ки героинро дар пойафзоли кӯдакон, ки маъмулан камназоратанд, қабати басо тунуки героинро ҷо ба ҷо месозанд. Ва ё дар тугмаи либосҳои занона ва ғайра.

Лабораторияи ташхиси судии Агентии назорати маводи нашъаовар таҳ қиқоти зиёде дар ин замина анҷом медиҳад ва сари чанд вақт як рӯйдоди сенсатсионӣ дар роҳу шеваи интиқоли маводи мухаддир кашф мешавад. Чунончӣ, рӯйдоди басо ҷолиб дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шуд. Зане мавриди шубҳаи кормандони Агентӣ қарор гирифт, ки ба Москав 10 литр равғани зағир интиқол медод. Вақте аз ӯ суол карданд, ки ҷаро ранған мебарад, посух дода буд: - Дар Русия барои тайёр кардани хӯрок бештар аз чарбую равғанҳ ои дигар истифода мебаранд, вале барои пӯхтани палави тоҷикӣ равғани зағирро пайдо кардан душвор аст.

Ба ҳар ҳол занро аз парвоз боздоштанд ва якҷо бо зарфи пласмасиаш ба бинои Агентӣ оварданд. Тафтишоти лабораторӣ нишон дод, ки дар ин зарф 9,5 литр моеъҳ ои гуногуни табиатан бо ҳ ам омехтанашавандаро ҷ ойгир кардааанд. 4,5 литри қисмати болоии онро равғани зағир ва 5 литри қисмати поёнии зарфро бошад, омехтаи об бо моводи дигаре ташкил медод. Барои муайян кардани моеи дохили зарф мутахассиси лаборатория рӯдаи шаффофи резиниро истифода бурд. Тавассути он аз қабати поёни зарф омехтаи обро ба зарфи дигари шаффоф кашида, ҳ ангоми пайдо шудани қатраҳ ои аввалини равғани зағир рӯдаро баст. Равғани зағир бошад ба зарфи дигари шаффоф холӣ карда шуд. Баъди се рӯз дар зарфи якум маводҳо қабат ба қабат чудо шуданд: дар сатҳ и боло равған, баъд об ва дар зер - героин. Ташхиси лабораторӣ нишон дод, ки омехтаи об дар таркибаш қариб 2,5 кило героини сифатан баланд дорад.

**Кофеин ва парасетамол дар таркиби героин**

Дар таркиби тақрибан 80% героини соли гузашта мусодирашуда кофеин кашф гардид. Таркиби миқдории кофеин дар аксар мавридҳо аз таркиби омехтаҳои истеҳсолие чун 6-моноатсетилморфин ва атсетилкодеин афзалият дорад. Дар мавридҳои дигар лабораторияҳ ои ташхиси судии Агентӣ дар омехтаҳои героиндор ғайр аз кофеин ҳамчунин парасетамолро низ кашф намуданд. Кормандони лабораторияҳ о бар онанд, ки аз эҳтимол дур нест, ки кофеин ва парасетамолро худи истеҳсолкунандагон ба героин омезиш медиҳанд. Миқдори героин дар чунин омехтаҳо ба ҳисоби миёна аз 20% то 62% калавиш дорад. Хлорохин-фосфат ба сифати омехта ниҳоят кам истифода бурда мешавад. Аммо соли 2009 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои мусодираи героине, ки дар таркибаш омехтаи истеҳсолии алкалоиди афюнии носкапин дошта бошад, ба қайд гирифта нашуд.

(Идома дорад)

**Бобоҷони Шафеъ**

# НЕ ВСЕ ТЕПЕРЬ БУДЕТ ЧИКИ-ПИКИ...

**Усмон Умбаров, достигнув возраста зрелого мужчины, все еще не мог, как говорится, найти себя. Не было у него ни хорошей специальности, а как следствие ни стабильной работы, ни, естественно, хорошего заработка. Несмотря на то, что он являлся главой семьи и отцом троих несовершеннолетних детишек, семье от него не было проку. Ведь Усмон не обременял себя поисками работы, все надеялся разбогатеть как-то вдруг и сразу. По этой простой причине и жизнь у него не складывалась, как подобает. Дважды судимый за различные преступления, он не сделал для себя соответствующих выводов и вновь встал на путь совершения преступления.**

В июне прошлого года Умбаров на базаре г.Турсунзаде, где он в последнее время проживал с семьей, познакомился с неким Азаматом. Новый знакомый оказался весьма пробивным парнем и как-то в разговоре вскользь упомянул о возможности поехать на работу в Москву. Естественно, с жильем и трудоустройством проблем не будет. «Там свои люди», заверил Азамат. «Конечно, неплохо было бы, если бы ты кое-что с собой повез, - вкрадчиво сообщил новый кореш, - и сам бы «наварился» и мне бы кое-что перепало».

Так, 13 июня Усмон вступил в предварительный преступный сговор с Азаматом. Он, нимало не сомневаясь, согласился на перевоз через государственную границу страны наркотических средств с целью сбыта их в Российской Федерации. Как следует из сводок правоохранительных органов республики – не он первый и не он – последний. А стоило бы ему задуматься о последствиях и ничего бы с ним такого не произошло. Будь он хоть немного дальновидней и не кинься в столь сомнительную аферу, гулял бы себе и сегодня на свободе. Но каждый выбирает свой путь. Так и Усмон.

По словам его супруги Махбубы Баротовой, около восьми часов вечера 16 июня к ним в дом пришел новый знакомый мужа - Азамат и принес ее мужу билет на самолет до Москвы.



Они, о чем-то пошептавшись с Усмоном, вышли на улицу. О чем они договаривались на улице, она не знает, так как супруг не посвящал ее в свои дела.

Выйдя во двор, друзья сели в автомобиль марки «Тико», на котором приехал гость и отъехав от дома в безопасное, по мнению Азамата, место, остановились. Азамат передал Усмону пакет и предложил ему проглотить маленькие контейнеры с зельем. «Так будет надежнее, - увидев немой вопрос во взгляде Усмона, сказал Азамат, стараясь выглядеть как можно спокойнее, чтобы его нервозность не передалась другу, - в аэропорту тебя встретят, не дрейфь, все будет чики-пики!» Умбарову не оставалось ничего другого, как проглотить, запивая их водой. Процедура, как потом признается Умбаров, не из приятных! И все же несмотря ни на что, он запихнул в себя все эти комочки с наркотиками, несшие в себе потенциальную смерть.

- Вот молодец! – похвалил его за самоотверженный поступок Азам, - а ты боялся.

Домой они уже не вернулись, сразу поехали в аэропорт. Усмон даже не попрощался с семьей. «Ничего, потом приедешь с деньгами, слаще будет!» - ответил на его сетования Азам.

Усмон внешне держался спокойно, хотя внутри у него все переворачивалось от страха быть задержанным. Вскоре объявили регистрацию и он стал чувствовать себя более уверенно, в надежде, что через несколько часов весь этот кошмар закончится. Но перед самым началом регистрации к нему вдруг подошли двое незнакомых парней. Представившись сотрудниками Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан, спросили есть ли у него что-нибудь запрещенное к вывозу, в частности, наркотики. Умбаров втайне надеялся, что парни так спрашивают каждого пассажира, и поэтому сначала не признался, но когда его вывели из аэропорта и предложили проехаться до больницы, понял, что отпираться дальше не имеет смысла, себе дороже. По дороге он признался, что ночью проглотил 14 контейнеров с героином.



В больнице подтвердили факт наличия в его желудке капсул. Оставалось только ждать, когда они сами выйдут из его чрева естественным путем.

Согласно заключению химической экспертизы в капсулах, изъятых из организма задержанного Усмона Умбарова, был обнаружен героин весом свыше 60 граммов. В связи с этим Умбаров не довел свои преступные действия до конца по независящим от него причинам, так как был задержан. Таким образом, Умбаров совершил преступление, предусмотренное ст.ст. 200 ч.3 п. «в», 32-289 ч.2 УК РТ, устанавливающими уголовную ответственность за незаконное приобретение, хранение и транспортировку наркотического средства с целью сбыта в небольшом размере, а также покушение на контрабанду, т.е. перемещение через таможенную границу РТ наркотических средств по предварительному сговору с группой лиц.

В настоящее время У.Умбаров находится под стражей и ждет справедливого решения суда, а часть материалов уголовного дела в отношении Азамата Гулова в связи с невозможностью установления его местонахождения выделены в отдельное производство.

# ТОЗААХБОР АЗ АГЕНТӢ

## ИФШОИ ЯК ШАБАКАИ ҶИНОӢ ДАР ПОЙТАХТ

Кормандони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётеро баргузор карданд, ки дар гузашта собиқа надошт. Ҳангоми гузаронидани чорабинии навбатии фаврӣ чашмашон ба ҷавоне бархӯрд, ки эҳсос мешуд аз ҷумлаи тоҷирони мухаддирот бошад. Пайгирии ҷавон барои исботи гумон дер давом накард. Фурсате нагузашта ӯро бо бештар аз 1 кило афюн боздошт карданд. Маълум гардид, ки мавсуф 20 сол дошта, донишҷӯи яке аз донишгоҳҳои пойтахти кишвар будааст.

Аммо тафтиш бо ин ба поён нарасид. Гурӯҳи фаврӣ-ҷустуҷӯӣ баъди расидагӣ ба қазияи ҷиноӣ макони мухаддироти боқимондаро муайян кард. Он хонаи якҳуҷраӣ дар шаҳр буд, ки ин донишҷӯ ба иҷора гирифта буд. Ҳангоми баргузории кофтуков аз он хона 39 килои дигар афюн, ки тавлиди Афғонистон буд, кашф ва мусоира гардид.

Амалиёти фаврии мазкур муҷиби он гардид, ки боз як амали интиқоли мухаддирот аз Афғонистон ба Тоҷикистон ва аз ин ҷо ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқил ифшо гардад. Тибқи арзёбии мутахассисон арзиши маводи мусодирашуда ҳудудан 22 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар сурати тиҷорати чакана қиммати он се баробар афзоиш хоҳад дошт.

## БОЗДОШТҲО ДАР АРАФА ВА РУЗҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

Як гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ, ки тибқи маълумоти фаврӣ муддати ду моҳ ба инҷониб дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон ба интиқол ва харидуфурӯши маводи мухаддир машғул буд, рӯзи 25 марти соли равон аз ҷониби кормандони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон боздошт градид. Ҳангоми тафтиш аз ин гурӯҳ ҳудуан 6 кило маводи мухаддири афюн кашф ва мусодира гардид.

Аммо ин на аввалину на охирни боздошт ва мусодираи мухаддирот дар Агентӣ дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз буд. Рӯзе қабл дар шаҳри Душанбе як зода ва сокини ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз ҷониби кормандони Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон бо 6 килову 292 грамм ҳашиш боздошт гардида буд. Кормандони фаврӣ ӯро аз замони хориҷ шуданаш аз қаламрави Ёвон то остонаи пойтахти кишвар пайгирӣ краданд ва билохира вақте мехост онро таҳвил диҳад, боздошт карданд. Тибқи иттилои тафтишот мавсуф 31 сол дошта, муҷаррад будааст. Аз маълумоте, ки боздоштшуда дод, шарики ҷиноии ӯ низ фавран дастгир шуд. Кормандони фаврӣ ҳангоми тафтиш аз кисаи ӯ 1,06 грамм ҳашиш ошкор ва мусодира намуданд.

Аз манзили истиқоматии як шаҳрванди 20 солаи пойтахти кишвар як банкаи селитраро, ки андарунаш 59 бастаи барои фурӯш омодашудаи мухаддирот дошт, кашф ва мусодира намуданд. Лабораторияи ташхиси судии Агентӣ 352,3 грамм героин будани онро тайид намуд. Аммо баъдан тафтишот яқин кард, ки мухаддироти ошкоршуда мутааллиқ ба шаҳрванди пойтахт А.С. будааст, ки дар кӯчаи Бинокорон истиқомат мекард. Мавсуф бар асари роҳандозии як амалиёти фаврӣ боздошт ва ба ҳабс гирифта шуд.

Худи ҳамон рӯз сокини 38 солаи пойтахти кишвар Ш.Р. бо 1,2 гармм герин боздошт гардид. Мавсуф дорои маълумоти миёна буда, соҳиби оила ва падари 4 фарзанд мебошад. Кормандони фаврӣ ҳангоми тафтиш аз кисаи шимми ӯ 7 бастаи хурди барои фурӯши чакана омодашударо кашф намуда буданд.

Як сокини ноҳияи Ваҳдат, ки дар пойтахти кишвар ба тиҷорати чаканаи мухаддирот машғул буд, бо 954 грамм ҳашиш боздошт гардид. Мавсуф оиладор васоҳиби 3 фарзанд будааст.

## «НОРА» ВА «РИЧ» ГЕРОИН КАШФ КАРДАНД

Ҳангоми азназаргузаронии ҷои нигаҳдошти бори мусофирон дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе бо шубҳаи интиқоли қочоқии мухаддирот бағоче мавриди тафтиш қарор гирифт.

Ҳангоми кушодани ду ҷомадон дар онҳо пинҳонгоҳҳои махсусе ошкор карда шуданд, ки андарунашон дар панҷ халтаи селофанӣ маводи мухаддир ҷобаҷо карда шуда буд. Лабораторияи ташхиси судии Агентӣ баъди таҳлил наздик ба 5 кило героин доштани халатҳоро тайид намуд, ки тақрибан 20% он аз омехтаҳои гуногун иборат буд. Дар баргузории ин амалиёт аз хизмати сагҳои хидматӣ-ҷустуҷӯии «Нора» ва «Рич» истифода шуд.

## МУСОДИРАИ ҲАШИШ ВА ГЕРОИН ДАР БАДАХШОН

Кормандони Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон ҳангоми санҷиши ахбори фаврӣ дар қаламрави деҳаи Ёмчии ноҳияи Шуғнон соати 01 бист дақиқаи шаб як шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро, ки ба интиқоли мухаддирот гумонбар мешуд, мавриди боздошт қарор доданд. Синну соли мавсуф маълум нест, ҳанӯз муҷаррад, маълумоташ миёнаи нопурра буда, ба гуфтаи худаш доғи судӣ надорад. Гумонбар замоне дастгир шуд, ки бо як

*линия отреза*

# Хонандаи гиромӣ!

Ҳайати эҷодии маҷалаи «Инъикос» кӯшиш ба он дорад, ки то Шумо битвонед тавассути саҳифаҳои маҷалла маълумоти ба худ заруриро дарёфт намуда, қазияҳои ба миёномадаро ҳал карда тавонед, инчунин бо завқи тамом ба мутолиаи он биштобед. Биноан, барои мо донистани фикру ақоиди Шумо мувофиқи матлаб мебуд.

Дар ин замина суолҳои таҳияшуда, манзури Шумо мегардад ва мо ҷавоби Шуморо мунтазирем.

## СУОЛНОМА

**1.** Макони зист ва намуди фаъолияти Шумо?

________________________________________
________________________________________

**2.** Маълумоти аз маҷалла гирифтаатон барои Шумо манфиате ба бор овард?

________________________________________
________________________________________

**3.** Кадоме аз мавзӯҳо бароятон мароқовар буд?

________________________________________
________________________________________

## КУМАК БА БЕПАРАСТОРОНИ «БАТОШ»

Тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба расонидани кӯмаки моддӣ ба маҷрӯҳон ва собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва меҳнат, хона-интернатҳо, хонаводаҳои эҳтиёҷманд», дар остонаи иди Наврӯз, 19 марти соли равон Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хона-интернат барои маҷрӯҳон ва мӯсафедони «Батош»-и ноҳияи Турсунзода кӯмаки навбатӣ расонид. Кӯмак ба маблағи 2836 сомонӣ буда, 12 маҷмӯъи мизу курсӣ барои ошхонаи хона-интернатро дар бар гирифт.

Дар ин рӯзҳои ид бахусус басо муҳим аст, ки ба сокинони ин муассиса дасти ёрӣ дароз карда шавад. Зеро ин ба маънои он аст, ки ҳамагӣ чанд соат вақти худро масраф намоӣ ва ба ивази он ба бошандагони он боварӣ ба оянда ва ё худ як каме дилгармӣ ба ҳаётро тӯҳфа намоӣ.

Аз соли 2001 ба инҷониб ба хона-интернати «Батош»-и ноҳияи Турсунзода Агентии назорати маводи нашъаовар ба маблағи бештар аз 55 ҳазор сомонӣ кӯмак расонидааст. Дар баробари молҳои хоҷагӣ, маводи хӯрока ва доруворихо ба маҷрӯҳон ва пиронсолон тӯли ин муддат телевизион, видеомагнетефон, DVD-плеер, маҳвора, мизҳои варзишӣ ва дигар молҳои зарурӣ тӯҳфа кардааст.

Ёдовар мешавем, ки хонаи пиронсолони “Батош” соли 1972 ифтитоҳ гардида, дар айни замон ҷои будубоши доимии 187 нафар шаҳрвандони аз 26 то 98 сола аз сар то сари ҷумҳурӣ мебошад.

*л и н и я о т р е з а*

**4.** Ба ақидаи Шумо мавзӯҳо дар маҷалла чи гуна баррасӣ мешаванд?
1) бо касбият 2) миёна
3) масъалагузории дуруст 4) на он қадар

**5.** Оиди кадом мавзӯҳо маълумот гирифтан мехостед?

______________________________

______________________________

**6.** Маълумоти маҷалла барои ҳалли қазияатон кӯмаке кардааст? (мухтасар ифроз намоед ).

______________________________

______________________________

**7.** Пешниҳоду дархости Шумо оид ба дигарсунсозии маҷалла?

______________________________

______________________________

Ҷавоби худро Шумо метавонед ба идораи маҷалла ё тавассути кормандони «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» пешниҳод намоед.

***Бароятон хонаободӣ таманно дорем!***